Тақиюддин Набҳонӣ

# ПИНДОРҲОИ ҲИЗБИ ТАҲРИР

Нашрияи
Ҳизби Таҳрир

Чопи якум ба забони арабӣ 1373 ҳиҷрӣ - 1953 милодӣ Чопи шашум ба забони арабӣ 1421 ҳиҷрӣ - 2001 милодӣ (чопи мўътамад) Чопи дуюм ба забони тоҷикӣдар асоси чопи мўътамад 1429 ҳиҷрӣ - 2008 милодӣ

بسم الله الرحمن الرحيم

# *ПИНДОРҲОИ ҲИЗБИ ТАҲРИР*

Олами исломӣ аз нимаҳои асри дувоздаҳуми ҳиҷрӣ (ҳаждаҳуми милодӣ) бо суръати даҳшатнок аз дараҷаи шоистаи худ ба вартаи таназзулу ақибмондагӣ фурӯ рафта истодааст. Агарчи барои бедорсозӣ ва пешгирии фурӯравӣ кӯшишҳо ба харҷ дода шуд, ҳамаи ин кӯшишҳо ноком гаштанд. Олами исломӣ ҳамоно дар зулмати бесарусомонӣ ва таназзул дарду алам мекашад.

Сабаби ягонаи таназзул заъфи шадидест, ки дар фаҳмидани Ислом бар зеҳнҳо ҳукмрон гашт. Аммо сабаби заъф беэътибор гузоштани забони арабӣ дар фаҳмидан ва расонидани Ислом аз аввалҳои асри ҳафтуми ҳиҷрӣ мебошад, ки дар натиҷа қудрати забони арабӣ аз қудрати Ислом гусаста гардид. Агар забони арабӣ, ки забони Ислом аст, ба ҷузъи ҷудоинопазири Ислом табдил наёбад ва қудрати забони арабӣ бо қудрати Ислом напайвандад, таназзулу ақибмондагии мусулмонон идома хоҳад ёфт. Зеро забони арабӣ қудрати забониест, ки қудрати Исломро густариш медиҳад ва бо Ислом зич алоқаманд аст, инчунин татбиқи мукаммали Ислом танҳо бо забони арабӣ имконпазир мебошад. Агар ин забон беэътибор гузошта шавад, иҷтиҳод дар шариат барҳам мехӯрад. Зеро иҷтиҳод дар шариат танҳо бо забони арабӣ имконпазир аст ва забони арабӣ шарти асосии он ба ҳисоб меравад. Иҷтиҳод барои уммат зарурист ва уммат танҳо бо он пеш меравад.

Сабаби нокомии кӯшишҳое, ки барои бедорсозии мусулмонон дар асоси Ислом ба вуҷуд омаданд, ба се кор вобаста аст: якум – касоне, ки барои бедорсозӣ фаъолият мекарданд, фикрати Исломро дақиқ нафаҳмиданд; дуюм – тариқати татбиқи фикрати Ислом барои фаъолияткунандагон комилан равшан набуд; сеюм – фаъолияткунандагон фикрат ва тариқати Исломро дар шакли мукаммалу ногусастанӣ бо ҳам напайвастанд.

Бар фикрати Ислом баъзе омилҳои рӯпӯшкунанда ҳукмрон гашт, ки дар натиҷа бисёр ҷиҳатҳои нозуки фикрат бар аксари мусулмонон норавшан гашт. Ҳукмронии ин омилҳо аз ибтидои асри дуюми ҳиҷрӣ то замони мустамликадорӣ идома ёфт. Фалсафаҳои аҷнабӣ, монанди ҳиндӣ, форсӣ ва юнонӣ, ба баъзе мусулмонон таъсир расонида, онҳоро ба мувофиқгардонии Ислому ин фалсафаҳо водор сохт, ҳол он ки фалсафаҳои мазкур тамоман ба Ислом зид ҳастанд. Ин чиз таъвилу тафсиркуниро ба вуҷуд овард, ки дар натиҷа баъзе ҳақиқатҳои исломӣ аз зеҳнҳо дур ва фаҳмидани онҳо заиф гашт. Илова бар ин, баъзе касоне, ки ба Ислом адовату нафрат доштанд, мунофиқона ба сафи Ислом даромаданд. Дар натиҷа пиндорҳои бегона ва мухолиф махфиёна ба Ислом роҳ ёфтанд. Ин ҳолат боиси нодуруст фаҳмидани Ислом аз тарафи аксари мусулмонон гардид. Беэътибор гузоштани забони арабӣ дар расонидани Ислом дар асри ҳафтуми ҳиҷрӣ ба ин корҳо изофа шуд. Ин ҳама аз таназзули мусулмонон дарак медод. Ҳуҷумҳои сақофиву миссионерӣ, баъдан ҳуҷумҳои сиёсии Ғарб, ки аз охирҳои асри ёздаҳуми ҳиҷрӣ (ҳабдаҳуми милодӣ) то имрӯз идома дорад, бар ин илова шуд. Ин болои сӯхта намакоб ва мушкилии нав бар мушкилоти пешинаи ҷомеаи исломӣ буд. Ин ҳама дар нодуруст тасаввур кардани фикрати Ислом ба мусулмонон таъсири пурзӯр дошт, ки ҳатто шаффофияти ҳақиқии фикрати Ислом дар зеҳнҳо гум шуд.

Инчунин мусулмонон тасаввури равшани тариқати Исломро тадриҷан гум карданд. Пештар мусулмонон медонистанд, ки мавҷудияти онҳо дар ҳаёт танҳо барои Ислом, вазифаи мусулмон дар ҳаёт расонидани даъвати Ислом, вазифаи Давлати Ислом татбиқи аҳкоми Ислом дар дохил, расонидани даъвати Ислом дар хориҷ ва тариқати расонидани даъват ҷиҳодест, ки онро давлат амалӣ мегардонад. Баъдтар дар мусулмонон пиндоре пайдо шуд, ки мусулмон, аввалан, бояд барои касб кардани молу дунё кӯшиш намояд, сониян, агар шароит фароҳам ояд, ваъзу иршод кунад. Давлат ба татбиқи аҳкоми Ислом эътибор надодан ва барои расонидани Ислом дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод накарданро камбудӣ ё гуноҳ намедонист. Вақте ки ин давлати заифу бепарво аз байн рафт, мусулмонон пиндоштанд, ки Ислом тавассути масҷидҳо сохтан,

табъу нашри китобҳо ва тарбияи ахлоқӣ аз нав бармегардад ва дар муқобили ҳукмрониву мустамликадории куфр сукут варзиданд.

Ин дар бораи фикрат ва тариқат буд. Аммо дар масъалаи пайвастани фикрату тариқат мусулмонон ба аҳкоми шаръӣ, ки ба муоличаи муаммоҳо, яъне фикрат таааллуқ дорад, эътибор доданд, вале ба аҳкоме, ки кайфияти муоличаи муаммоҳо, яъне тариқатро баён мекунад, беэътибор гузоштанд. Дар байни мусулмонон омӯзиши аҳком, ки аз тариқати татбиқи аҳком гусаста буд, ҳукмрон гашт. Омӯзиши аҳкоми намозу рӯза, никоҳу талоқ авҷ гирифта, омӯзиши аҳкоми ҷиҳоду ғанимат, хилофату қазо ва хироҷу ғайра беэътибор гузошта шуд. Ҳамин тавр, фикрат ва тариқатро аз ҳам гусастанд, ки дар натиҷа татбиқи фикрат бе тариқат имконнопазир гашт.

Охирҳои асри сездаҳуми ҳиҷрӣ (нуздаҳуми милодӣ) хато фаҳмидани татбиқи шариати Ислом дар ҷомеа бар ҳамаи ин изофа шуд. Дар натиҷа Ислом бо мақсади мувофиқ гардонидан ба ҷомеаи мавҷуда тарзе тафсир карда шуд, ки нусуси он намепазирад. Аслан тағйир додани ҷомеа воҷиб буд, то ки он ба Ислом мувофиқ гардад, на тафсири Ислом барои мувофиқ гаштан ба ҷомеа. Зеро ин ҷо масъала мавҷудияти ҷомеаи фасодест, ки мебояд онро дар асоси мабдаъ ислоҳ кард. Пас воҷиб буд, ки мабдаъ бе ягон тағйирот татбиқ гардад ва ҷомеа ба тарзи мукаммал ва инқилобӣ дар асоси ҳамин мабдаъ тағйир дода шавад, яъне ислоҳталабон новобаста ба ҷомеаву аср ва замону макон бояд аҳкоми Исломро бе ягон тағйирот татбиқ мекарданд. Лекин онҳо ба таъвили аҳкоми Ислом даст заданд, то ки онро ба замона мувофиқ гардонанд. Ҳам дар куллиёт, ҳам дар ҷузъиёт ба ин гуна хато роҳ дода, бар асоси ҳамин нуқтаи назар қоидаҳои куллӣ ва аҳкоми ҷузъӣ истинбот намуданд. Масалан, якчанд қоидаи куллии хаторо, аз қабили "тағйири аҳком бо тағйири замон инкор карда намешавад", "одат ҳукмрон аст" ва ғайра, қабул карданд. Инчунин ба аҳкоме, ки дар шариат ягон асос надорад ва ҳатто ба аҳкоме, ки ба нусуси қатъии Қуръон мухолиф аст, фатво доданд. Масалан, бо ҳуҷҷати зарурат ва дучанд набудан барои моли қосир ба рибои камфоиз рухсат доданд. Қозие, ки "қозии шаръӣ" номида мешуд, ба рибо додан аз хазинаи ятимон ҳукм баровард. Инчунин қозие, ки "қозии низомӣ" номида мешуд, ба рибо рухсат

дод. Илова бар ин, дар хусуси бекор кардани ҳадҳо ва гирифтани қонунҳои уқубот аз манбаъҳои ғайриисломӣ фатво доданд. Ҳамин тавр, бо ҳуҷҷати мувофиқати аҳком ба аср ва зарурати мувофиқати шариат ба ҳар як аср, замону макон аҳкоме тартиб доданд, ки мухолифи шариат буд. Дар натиҷа Исломро аз ҳаёт дур карданд. Душманони Ислом бо воситаи ин фаҳми ғалат ва аҳкоми ботил ба ворид кардани мабдаъ ва қонунҳои худ дар байни мусулмонон муваффақ шуданд. Азбаски фаҳми ғалат: "Ислом ба ҳар як замону макон мувофиқ меояд" дар зеҳни мусулмонон ҷой гирифта буд, дар мабдаъ ва қонунҳои душман нисбат ба дини худ ягон зиддият надиданд. Барои он ки Ислом ба ҳар як мазҳаб, мабдаъ, ҳодиса ва қоида мувофиқ гардад, гарчи ба мабдаъ ва нуқтаи назари Ислом зид бошад ҳам, аксарият ба таъвил даст мезаданд. Ин ҳолат дар дур кардани Ислом аз ҳаёт мусоидат намуд. Бинобар ин, ноком гаштани ҳар гуна ҳаракати ислоҳталаб, ки дар асоси ин фаҳми нодуруст фаъолият мекард, ногузир буд.

Илова бар ин, дар аввалҳои асри бистум омилҳое пайдо шуданд, ки монеаҳои миёни Ислом ва ҳаётро устувортар ва кори ҳаракатҳои исломиро душвортар гардонид. Зеро ҳамон вақт бар мусулмонон, хусусан олимон ва омӯзандагон се чиз ҳукмрон буд:

Якум, Исломро бар хилофи тариқати омӯзиши он меомӯхтанд. Тариқати омӯзиши Ислом ин аст, ки аҳкоми шаръӣ аз тарафи давлат дар корҳои ба давлат хос ва аз тарафи фард дар корҳои ба фард алоқадор ҳамчун масъалаҳои амалӣ барои татбиқ омӯхта мешавад. Бинобар ин, олимон дар таърифи фиқҳ гуфтаанд: "Фиқҳ донистани масъалаҳои шаръии амалист, ки аз далелҳои тафсилӣ истинбот шудаанд". Ин гуна омӯзиш дар омӯзанда илм ва дар ҷомеа фаъолияти амалии давлату фардро ба вуҷуд меорад. Лекин олимон ва омӯзандагон, балки аксари мусулмонон Исломро маҳз бо эътибори илми назарӣ омӯхтанд, ки гӯё Ислом фалсафаи назарии хаёлӣ бошад. Дар натиҷа аҳкоми фиқҳӣ на амалӣ, балки фаразии ғайриамалӣ гаштанд. Шариат на ҳамчун аҳкоме, ки муаммоҳои ҳаётро муолиҷа мекунад, балки ҳамчун масъалаҳои рӯҳӣ ва ахлоқӣ омӯхта шуд. Ин хатоҳо дар бораи тариқати омӯзиш буданд. Аммо дар даъват ба Ислом на тариқати таълим, ки Ислом талаб мекунад, балки тариқати ваъзу иршод, ки миссионерон ба кор мебаранд,

ҳукмрон буд. Ҳамин тавр, омӯзандагони Ислом ё ба олимони бетаъсир, ки ба китобҳои ҳаракаткунанда монанд мебошанд, ё ба воизони муршид, ки ба мардум сухану хутбаҳои дилгиркунандаро такрор мекунанд, табдил ёфтанд, ки ба ҷомеа ягон таъсир намерасонид. Онҳо маънои бо Ислом тарбия карданро нафаҳмиданд, яъне ба мусулмонон корҳои динро тавре таълим надоданд, ки ба ҳисси онҳо таъсир расонида, аз азобу ғазаби Аллоҳ тарсонад ва мусулмон ҳангоми пайвастани ҳиссу ақл дар натиҷаи омӯзишу тариқати таълими оятҳои Аллоҳ ба қувваи таъсиррасон табдил ёбад. Оре, ин ҷиҳатро нафаҳмиданд ва ба ҷои тариқати омӯзиши амиқу таъсирбахш тариқати ваъзу иршодро пеш гирифтанд, ки ба сухану хутбаҳои сатҳии дилгиркунанда маҳдуд буд. Бинобар ин, дар байни дини Ислом ва муоличаи муаммоҳои ҷомеа зиддият ё чизи зиддиятмонанд дида шуд, ки ба мувофиқгардонӣ мӯҳтоҷ буд. Дар натиҷа таъвили Ислом, барои он ки ба замона мувофиқ гардад, ба кори одатии мардум табдил ёфт!

Илова бар ин, қавли зерини Аллоҳ Таолоро нодуруст фаҳмиданд:

وَمَا كَانَ الْمُؤْمِنُونَ لِيَنفِرُواْ كَآفَّةً فَلَوْلاَ نَفَرَ مِن كُلِّ فِرْقَةٍ مِّنْهُمْ طَآئِفَةٌ لِّيَتَفَقَّهُواْ فِي الدِّينِ وَلِيُنذِرُواْ قَوْمَهُمْ إِذَا رَجَعُواْ إِلَيْهِمْ لَعَلَّهُمْ يَحْذَرُونَ

"***Ва натавонанд мӯъминон, ки ҳамагӣ ба сафар раванд. Чаро аз ҳар гурӯҳе дастае ба сафар нараванд, то дониши дини хешро биёмӯзанд ва чун бозгаштанд, мардуми худро ҳушдор диҳанд, бошад ки аз зишткорӣ ҳазар кунанд***" [9:122].

Ояти мазкурро чунин тафсир карданд, ки гурӯҳе аз ҳар ҷамоат ба талаби илм бароянд, то динро таълим гиранд ва сипас баргашта ба қавми худ таълим диҳанд. Дар натиҷа омӯзиши динро ба фарзи кифоя табдил дода, ҳам бар хилофи маънои оят ва ҳам бар хилофи ҳукми шаръӣ амал карданд.

Ҳукми шаръӣ ин аст, ки ба ҳар як мусулмони болиғу оқил донистани ҳукми дин дар хусуси корҳое, ки дар ҳаёт ба ӯ лозиманд, воҷиб аст. Зеро ӯ фармуда шудааст, ки тамоми корҳои худро мувофиқи амру наҳйи Аллоҳ анҷом диҳад. Тариқати ягонаи ин омӯзиши аҳкоми

шаръист, ки ба корҳои ӯ тааллуқ доранд. Бинобар ин, омӯзиши аҳкоми дин, ки барои мусулмон дар ҳаёт зарур аст, на фарзи кифоя, балки фарзи айн мебошад. Аммо иҷтиҳод барои истинботи аҳкоми шаръӣ фарзи кифоя аст. Мухолифати онҳо ба маънои оят ин аст, ки ояти мазкур ояти ҷиҳод буда, чунин маъно дорад: "***Ҷоиз нест, ки тамоми мусулмонон якбора ба ҷиҳод бароянд. Бояд ҷамоае ба ҷиҳод бароянд ва ҷамоае бимонанд, то аз Расул (с) аҳкоми динро биомӯзанд ва ҳангоми баргаштани муҷоҳидон аҳкоми Аллоҳро, ки муҷоҳидон омӯхта натавонистаанд, дар шакли таъсирбахш ба онҳо таълим диҳанд***". Ҳарисии саҳобагон (с) ба омӯзиши аҳкоми дин ва ҳамнишинӣ бо Расул (с) ба ҳамин чиз далолат мекунад, яъне баъзе дар сарияҳо ба ҷиҳод мебаромаданд ва баъзе барои омӯзиши аҳкоми дин мемонданд. Сипас ба муҷоҳидон баъд аз баргаштан аҳкомеро, ки онҳо омӯхта натавонистаанд, таълим медоданд.

Дуюм, Ғарбе, ки ба Ислом ва мусулмонон адоват дошту онҳоро бад медид, ба дини Ислом ҳуҷум кард. Аз як тараф, Исломро маҳкум сохта, ба он бӯҳтон зад, аз тарафи дигар, баъзе аҳкоми Исломро, ки муолиҷаҳои дурусти муаммоҳои ҳаёт буданд, зишт нишон дод. Мусулмонон, хусусан омӯзандагон дар муқобили ин ҳуҷум мавқеи заифро ишғол намуданд, зеро дучори тӯҳмат гаштани Исломро дида, ба мудофиаи он пардохтанд. Ин ҳолат боиси кӯшиш ба таъвили аҳкоми Ислом гардид. Масалан, онҳо ҷиҳодро таъвил карданд, ки он на ҷанги таҳоҷумӣ, балки ҷанги мудофиавӣ мебошад, ҳамин тавр ҳақиқати ҷиҳодро хато тафсир карданд. Ҳол он ки ҷиҳод ҷанг бар зидди ҳар як касест, ки дар роҳи даъвати Ислом монеа мешавад, хоҳ таҷовузкор бошад, хоҳ на. Бо ибораи дигар, ҷиҳод бартарафсозии монеаҳои роҳи даъвати Ислом ё даъват ба Ислом ва ҷанг дар роҳи даъват, яъне дар роҳи Аллоҳ аст. Азбаски даъвати Ислом дар Форс, Рум, Миср, Африқои Шимолӣ, Андалус ва кишварҳои дигар барои расонидани Ислом ҷиҳодро тақозо мекард, мусулмонон ба ин кишварҳо ҳуҷум карда буданд. Таъвили мазкури ҷиҳод хато буд. Ин хато аз мавқеи заифи онҳо ҳангоми дидани дучори тӯҳмат гаштани Ислом ва барои мудофиаи Ислом сар зад, ки дар он розӣ кардани тӯҳматкунандагон кушоду равшан ба назар мерасид. Ҳамчунин мусулмонон дар масъалаҳои серзанӣ, буридани дасти дузд ва ғайра хостанд ба кофирон раддия диҳанд ва бар хилофи Ислом ба таъвили

Ислом даст заданд. Дар натиҷа мусулмонон аз фаҳмидани Ислом ва татбиқи амалии Ислом дур гаштанд.

Сеюм, аз баъзе кишварҳои исломӣ сояи Давлати Ислом бардошта шуда, онҳо ба зери ҳукмронии куфр даромаданд, баъдтар Давлати Ислом ба таназзул рӯ овард ва батамом сарнагун гашт. Дар натиҷа мусулмонон ба вуҷуд омадани Давлати Ислом ва танҳо бо Ислом ҳукм ронданро имконнопазир донистанд. Бинобар ин, ба ҳукм рондан бо ғайри нозилкардаи Аллоҳ розӣ шуданд ва дар ин кор, модом ки номи Ислом нигоҳ дошта шавад, гарчи бо Ислом ҳукм ронда нашавад ҳам, ягон бадӣ намедиданд. Даъват мекарданд, ки барои мусоидати татбиқи Ислом дар ҳаёт истифодаи дигар равияҳо ва мабдаъҳо зарур аст. Дар натиҷа аз фаъолият барои баргардондани Давлати Ислом даст кашиданд ва ба татбиқи аҳкоми куфр бар мусулмонон бо дасти худи мусулмонон сукут варзиданд.

Бо сабаби корҳое, ки дар боло зикр кардем, тамоми ҳаракатҳои ислоҳталаб, ки барои бедорсозии мусулмонон ва баргардондани бузургии Ислом таъсис ёфтанд, ноком гаштанд. Ин кор табиӣ буд, чунки онҳо, гарчи ҳаракатҳои исломӣ бошанд ҳам, бо сабаби ғалат фаҳмидани Ислом мушкилиро дучанд ва муаммоҳоро мураккабтар мегардониданд, ба ҷои он ки ба татбиқи Ислом дар ҷомеа кӯшиш намоянд, ҷомеаро аз Ислом дур месохтанд.

Бинобар ин, ҳаракати исломие зарур гашт, ки Исломро ҳамчун фикрату тариқат фаҳмида, фикрату тариқатро пайваста тавонад ва барои азнавсаркунии ҳаёти исломӣ дар яке аз кишварҳои исломӣ ба фаъолият шурӯъ намояд, то ин кишвар нуқтаи ибтидои дурахши даъвати исломӣ гардад ва сипас ба нуқтаи интилоқи даъват ба Ислом табдил ёбад.

Бинобар ин, Ҳизби Таҳрир ба вуҷуд омад ва барои азнавсаркунии ҳаёти исломӣ дар кишварҳои арабӣ ба фаъолият пардохт, ки аз ин ҷо азнавсаркунии ҳаёти исломӣ дар тамоми олами исломӣ ба таври табиӣ ба вуҷуд меояд. Азнавсаркунии ҳаёти исломӣ тавассути бунёд кардани Давлати Ислом дар қаламрави як ё якчанд кишвар, ки ба нуқтаи иртикози Ислом ва ҳастаи Давлати бузурги Ислом табдил мeёбад, амалӣ мегардад. Ин Давлати бузурги Ислом тавассути татбиқи мукаммали Ислом дар ҷамии кишварҳои исломӣ ва

тавассути густариши даъвати исломӣ саросари тамоми ҷаҳон ҳаёти исломиро аз нав оғоз мекунад.

Ҳизби Таҳрир баъд аз омӯзиш, мулоҳиза ва ҷустуҷӯ аҳкоми шаръии муайянро табаннӣ кард. Баъзеи онҳо ба муолиҷаи муаммоҳои фардӣ, ки дар байни афрод ва дар алоқаҳои афрод пайдо мешаванд, тааллуқ доранд. Масалан, манъи иҷораи замин барои кишоварзӣ. Баъзеи дигар ба раъйҳои умумӣ, ки дар байни оммаи мусулмонон ва дигарон, дар алоқаҳои оммаи мусулмонон бо дигарон пайдо мешаванд, тааллуқ доранд. Масалан, ҷоизии бастани созишномаҳои маҷбурӣ, даъват ба Ислом пеш аз оғози ҷанг ва ҳоказо. Баъзе ба фикрҳо тааллуқ доранд. Ин ҳама монанди аҳкоми шаръии дигар аҳкоми шаръӣ мебошанд. Масалан, қоидаи "ҳар чӣ, ки воҷиб танҳо бо он адо мегардад, воҷиб аст" ё таърифи аҳкоми шаръӣ: "ҳукми шаръӣ хитоби Шореъ аст, ки ба феълҳои бандагон тааллуқ дорад" ва қоидаву таърифҳои куллии дигар. Ҳизб аҳкоми мазкурро табаннӣ карда, вақте ки ба даъвати Ислом пардохт, ба ин аҳком низ даъват кард. Ин раъйҳо, фикрҳо ва ҳукмҳо исломиянд. Дар онҳо ягон чизи ғайриисломӣ нест ва онҳо аз ягон чизи ғайриисломӣ таъсир нагирифтаанд. Балки онҳо соф исломиянд ва танҳо ба асосу нусуси Ислом такя мекунанд. Ҳизб дар ин ҳама ба фикр такя мекунад ва мепиндорад, ки даъват ба Ислом бояд дар асоси фикр ба роҳ монда шавад ва дар шакли мафкура густариш дода шавад. Зеро фикри равшан фикрест, ки ҳаёт бар асоси он бунёд мегардад ва инсон низ бар асоси он бедор мешавад. Фикри равшан ҳақиқати ашёро нишон медиҳад, ки дар натиҷа ашё дуруст дарк карда мешаванд. Фикр, барои он ки равшан бошад, албатта бояд амиқ бошад. Фикри амиқ назари амиқ ба ашё мебошад. Фикри равшан назари амиқ ба ашё, ҳолатҳои ашё ва чизҳои ба ашё алоқаманд, инчунин далел овардани ин назар барои натиҷагирии дуруст мебошад. Бо ибораи дигар, фикри равшан назари амиқ ва равшан ба ашё мебошад. Бинобар ин, ба коинот, инсон ва ҳаёт, инчунин ба инсон ва амалҳои инсон амиқ ва равшан назар кардан зарур аст, то дарки аҳкоме, ки ба ин амалҳо тааллуқ доранд, имконпазир гардад.

Назари амиқ ба коинот, инсон ва ҳаёт дар бораи ҳар се фикри куллиро ба вуҷуд меорад ва бузургтарин муаммои инсонро ҳал мекунад. Ин гуна назар дар инсон ақидаро ба вуҷуд меорад, ба ӯ ғояи

зиндагӣ ва ғояи амалҳои ӯро, ки дар ҳаёт анҷом медиҳад, муқаррар мекунад. Зеро инсон дар коинот умр ба сар мебарад, агар бузургтарин муаммои ӯ дар бораи худаш, дар бораи ҳаёташ, дар бораи коинот, ки макони ҳаёт ва вуҷуди ӯст, ҳал нагардад, тарзи зиндагиро, ки бояд пеш гирад, ҳаргиз дониста наметавонад. Бинобар ин, асоси ҳар як чиз ақида аст.

Назари амиқ ва равшан ба коинот, инсон ва ҳаёт ақидаи исломиро ба вуҷуд меорад. Дар натиҷа аён мегардад, ки коинот, инсон ва ҳаёт махлуқи офаридгор мебошанд ва танҳо ҳамин офаридгор онҳоро тадбир ва муҳофизат мекунад, мувофиқи низоми махсус ба ҳаракат меорад. Инчунин аён мегардад, ки ҳаёти ин дунё на азалӣ ва на абадист, пеш аз ин ҳаёт офаридгор ва мудаббир вуҷуд дошт ва баъд аз ин ҳаёт рӯзи қиёмат ҳаст. Боз аён мегардад, ки инсон дар ҳаёти ин дунё бояд мувофиқи амру наҳйҳои Аллоҳ амал намояд, зеро инсон рӯзи қиёмат, ки рӯзи ҳисоб аст, ҳисоби ин амалҳоро медиҳад. Бинобар ин, ӯ бояд ба шариати Аллоҳ, ки расули Аллоҳ саййидамон Муҳаммад (с) овардаанд, қатъӣ риоя намояд.

Назари амиқ ва равшан ба коинот, ҳаёт ва инсон нишон медиҳад, ки онҳо рӯҳ нестанд ва аз моддаву рӯҳ таркиб наёфтаанд, балки танҳо аз модда иборатанд. Ин ҷо мурод аз модда, хоҳ "ашёи дорои макон ва вазн" дониста шавад, хоҳ "қувваи пурри зоҳирӣ ё махфӣ", ашёи даркшаванда ва ҳисшаванда аст. Чунки баҳс на дар бораи моҳияти модда, балки дар бораи махлуқи офаридгор будани коинот, ҳаёт ва инсон аст, ки ҳар се ашёи даркшаванда ва ҳисшаванда мебошанд. Ин ҷо мурод аз рӯҳ на сирри ҳаёт (ҷон), балки дарки алоқамандӣ бо Аллоҳ аст. Зеро баҳс на дар бораи рӯҳ ба маънои сирри ҳаёт, балки дар бораи алоқамандии коинот, инсон ва ҳаёт ба офаридгор, ки барои мо ғайб аст, инчунин дар бораи дарки ҳамин алоқамандӣ мебошад, ки оё дарки алоқамандии коинот, ҳаёт ва инсон бо офаридгор ҷузъи таркибии онҳост ё на?

Назари амиқ ва равшан ба коинот, ҳаёт ва инсон, бо эътибори он ки маънои рӯҳ ин ҷо на сирри ҳаёт, балки дарки алоқамандӣ бо Аллоҳ мебошад, нишон медиҳад, ки онҳо рӯҳ нестанд ва аз моддаву рӯҳ таркиб наёфтаанд, балки танҳо аз модда иборатанд. Модда будани онҳо ба ҳеҷ кас пӯшида нест, чунки онҳо ашёи даркшаванда ва ҳисшаванда мебошанд. Рӯҳ набудани онҳо чунин аст, ки рӯҳ бо Аллоҳ

Таоло алоқаманд будани худро дарк кардани инсон мебошад ва ин дарк на коинот, на инсон, на ҳаёт, балки тамоман чизи дигар аст. Аз модда ва рӯҳ таркиб наёфтани онҳо дар коинот ва ҳаёт ошкоро ба назар мерасад, аммо дар инсон чунин аст, ки дарки алоқамандии худ бо Аллоҳ ҷузъи таркибии ӯ нест, балки сифатест, ки баъдтар пайдо мешавад. Зеро кофире, ки мавҷудияти Аллоҳро инкор мекунад, гарчи инсон бошад ҳам, алоқамандии худро бо Аллоҳ дарк намекунад.

Баъзе мардум мегӯянд: "***Инсон аз модда ва рӯҳ таркиб ёфтааст, агар дар ӯ модда бар рӯҳ ғолиб ояд, пас ӯ инсони бад мешавад, агар рӯҳ бар модда ғолиб ояд, пас ӯ инсони нек мешавад, аз ин рӯ, барои инсони нек будан бояд рӯҳи ӯ бар модда ғолиб ояд***". Сухани мазкур дуруст нест, чунки инсон аз модда ва рӯҳ таркиб наёфтааст. Рӯҳе, ки дар ин боб мавриди баҳс қарор мегирад, дар назди тамоми шахсоне, ки ба мавҷудияти илоҳ имон доранд, ба маънои "нишонаи офаридгор" ё "нишонаҳои мушоҳидашавандаи олами ғайб" ё "дарки ҷиҳатҳои ашё, ки танҳо аз тарафи Аллоҳ ба вуҷуд меояд" ва ғайра, яъне ба маънои "рӯҳоният" ё "ҷиҳати рӯҳӣ" мебошад. Рӯҳ ба маънои "рӯҳоният" ва "ҷиҳати рӯҳӣ", ки дар инсон мавҷуд аст, сирри ҳаёт нест ва аз сирри ҳаёт нашъат нагирифтааст ва ба сирри ҳаёт алоқа надорад, балки он тамоман чизи дигар аст. Зеро дар ҳайвон низ сирри ҳаёт мавҷуд аст, бо вуҷуди ин, дар он рӯҳоният ва ҷиҳати рӯҳӣ нест. Ҳеҷ кас намегӯяд, ки ҳайвон аз модда ва рӯҳ таркиб ёфтааст. Аз ин рӯ, хулосаи қатъӣ баровардан мумкин аст, ки рӯҳ ин ҷо сирри ҳаёт нест, аз сирри ҳаёт нашъат нагирифтааст ва ба сирри ҳаёт алоқа надорад. Ҳайвон, гарчи дар он сирри ҳаёт мавҷуд бошад ҳам, аз модда ва рӯҳ таркиб наёфтааст. Инчунин инсон, гарчи дар ӯ сирри ҳаёт мавҷуд бошад ҳам, аз модда ва рӯҳ таркиб наёфтааст. Зеро рӯҳе, ки танҳо дар инсон мавҷуд аст ва ӯ бо он аз дигар ҷонварон фарқ мекунад, ба сирри ҳаёт тааллуқ надорад ва аз сирри ҳаёт нашъат нагирифтааст, балки дарки алоқамандӣ бо Аллоҳ мебошад. Пас бо ҳуҷҷати мавҷудияти сирри ҳаёт дар инсон наметавон гуфт, ки рӯҳ ҷузъи таркибии инсон аст.

Рӯҳе, ки дар ин боб мавриди баҳс қарор мегирад, дарки алоқамандӣ бо Аллоҳ мебошад ва ба сирри ҳаёт алоқа надорад. Пас рӯҳ ҷузъи таркибии инсон нест, чунки дарки алоқамандӣ бо Аллоҳ ҷузъи

таркибии инсон нест, балки сифатест, ки баъдтар пайдо мешавад. Зеро кофире, ки мавҷудияти Аллоҳро инкор мекунад, гарчи инсон бошад ҳам, алоқамандии худро бо Аллоҳ дарк намекунад.

Бо вуҷуди он ки коинот, инсон ва ҳаёт на рӯҳ, балки моддаанд, ҷиҳати рӯҳии онҳо махлуқи офаридгор будан аст, яъне ҳар се аз ҷиҳати махлуқият бо Аллоҳ Таоло, ки офаридгори онҳост, алоқамандананд. Масалан, коинот модда аст ва махлуқи офаридгор будан ҷиҳати рӯҳии он аст, ки инро инсон дарк мекунад. Инсон модда аст ва махлуқи офаридгор будан ҷиҳати рӯҳии ӯст, ки инро инсон дарк мекунад. Ҳаёт модда аст ва махлуқи офаридгор будан ҷиҳати рӯҳии он аст, ки инро инсон дарк мекунад. Пас ҷиҳати рӯҳӣ аз коинот, ҳаёт ва инсон ба вуҷуд намеояд, балки аз махлуқияти ҳар се ба офаридгор, яъне Аллоҳ Таоло нашъат мегирад. Ҳамин алоқамандӣ ҷиҳати рӯҳист.

Дар асл маънои рӯҳ чунин аст, ки касоне, ки ба ҳастии илоҳ имон доранд, калимаҳои "рӯҳ", "рӯҳоният" ва "ҷиҳати рӯҳӣ"-ро бисёр ба забон мегиранд ва аз ин калимаҳо "нишонаи офаридгор дар ягон макон" ё "нишонаҳои мушоҳидашавандаи олами ғайб" ё "дарки ҷиҳати ашё, ки танҳо аз тарафи Аллоҳ ба вуҷуд меояд" ва ғайраро дар назар медоранд. Ин маъноҳое, ки онҳо бо воситаи калимаҳои "рӯҳ", "рӯҳоният", "ҷиҳати рӯҳӣ" ва ғайра ифода мекунанд, маъноҳои умумӣ, норавшан, мубҳам ва номусаффо мебошанд ва ҳам дар зеҳни онҳо, ҳам берун аз он воқеъ доранд. Ин воқеъ нишонаи ғоибе, ки мавҷудияташ даркшаванда, вале зоташ дарнашаванда аст ва нишонаи ин ғоиб дар ашё мебошад. Онҳо ин воқеи маҳсусро, гарчи бо ҳисси худ феълан дарк кунанд ҳам, таъриф дода наметавонанд ва ин воқеъ барои онҳо норавшан аст. Тасаввури онҳо дар бораи маъноҳои мазкур бо сабаби ин норавшанӣ беқарор аст. Дар натиҷа дар назди баъзе мардум ин маъноҳо бо рӯҳ ба маънои сирри ҳаёт даромехт. Онҳо, барои он ки мавҷудияти рӯҳро ба маънои сирри ҳаёт ҳис мекунанд ва рӯҳе ба маънои рӯҳоният ва ҷиҳати рӯҳӣ низ мавҷуд аст, мегӯянд, ки инсон аз модда ва рӯҳ таркиб ёфтааст. Дар натиҷа гумон мекунанд, ки рӯҳ айнан сирри ҳаёт мебошад ё рӯҳ аз сирри ҳаёт нашъат гирифтааст. Вале эътибор намедиҳанд, ки дар ҳайвон, гарчи рӯҳ, яъне сирри ҳаёт мавҷуд бошад ҳам, рӯҳоният ва ҷиҳати рӯҳӣ вуҷуд надорад. Инчунин бо сабаби норавшании мазкур ба

нерӯи тоза пайдо кардани инсон калимаи "рӯҳ"-ро истифода мебаранд ва мегӯянд: "рӯҳонияти беандозаро ҳис кардам" ё "фалонӣ рӯҳонияти бузург дорад". Бо сабаби норавшании мазкур, агар ба ягон макон бираванд ва дар он ҷо хушнудӣ ё хушбахтиро ҳис кунанд, мегӯянд: "Дар ин макон ҷиҳати рӯҳӣ ё рӯҳоният мавҷуд аст". Бо сабаби норавшании мазкур шахс худро гурусна гузошт, ҷасадашро азоб дод ва ҷисмашро заиф гардонид ва гуфт, ки пурзӯр кардани рӯҳи худро мехоҳад. Ин ҳама бо сабаби норавшании маънои рӯҳ, рӯҳоният ва ҷиҳати рӯҳӣ рух дод. Ин масъала ба воқеи ақл дар назди пешиниён монанд аст. Аз калимаи ақл маъноҳои "дарк кардан", "аз болои ягон чиз ҳукм баровардан" ва ғайра ирода карда мешавад. Аммо пешиниён тасаввур мекарданд, ки дарк ва чизҳои дигар на ақл, балки нишонаи ақл мебошад. Дар назди онҳо ақл воқеъ дошт, ки онро ҳис мекарданд, вале ҳақиқати онро ошкор сохта наметавонистанд ва воқеи ақл барои онҳо норавшан буд. Тасаввури онҳо дар бораи ақл ва макони ақл бо сабаби норавшании воқеи ақл дар назди онҳо гуногун ва беқарор, дарки ҳақиқати ақл норавшану печида буд. Баъзеи онҳо мегуфтанд, ки ақл дар дил аст. Баъзеи дигар мегуфтанд, ки ақл дар сар аст. Баъзе мегуфтанд, ки ақл майна аст ва баъзе фикрҳои дигарро мегуфтанд. Дар асри мо баъзе мутафаккирон бо мақсади равшан сохтани маъно ва таърифи ақл бо ин масъала саргарм шуданд. Тасаввури онҳо дар бораи ақл, азбаски воқеи ақлро дарк карда наметавонистанд, норавшану печида буд. Баъзеи онҳо гуфтанд: "Ақл инъикоси майна дар модда аст". Баъзеи дигар гуфтанд: "Ақл инъикоси модда дар майна аст". Ва ниҳоят, таърифи дурусти ақл маълум гашт, ки "ақл интиқоли воқеъ ба майна бо воситаи узвҳои ҳис ва мавҷудияти маълумоти собиқа, ки ин воқеъро тафсир мекунад". Дар натиҷаи ин таъриф дарки ҳақиқати ақл имконпазир гашт. Бинобар ин, баъзе мутафаккирон бояд барои равшан сохтани маъноҳои рӯҳ, рӯҳоният, ҷиҳати рӯҳӣ ва ғайра бо ин масъала машғул шаванд, то ки зеҳн ҳам маъноҳои мазкур ва ҳам воқеи ин муаммоҳоро дарк карда тавонад. Зеро рӯҳ, рӯҳоният ва ҷиҳати рӯҳӣ дар ҳаёт воқеи худро доранд. Аз мушоҳидаи маҳсус аён мегардад, ки ин ҷо ашёи моддӣ ҳастанд, ки инсон ҳис ва ламс карда метавонад, масалан, нон ва ашёи моддӣ ҳастанд, ки инсон ҳис карда метавонад, вале ламс карда

наметавонад, масалан, хизмати табиб. Ин ҷо боз ашёи маънавӣ ҳастанд, ки инсон ҳис карда метавонад, вале ламс карда наметавонад, масалан, фахр ва ситоиш. Ин ҷо боз ашёи рӯҳӣ ҳастанд, ки инсон ҳис карда метавонад, вале ламс карда наметавонад, масалан, тарс аз Аллоҳ ва таслим ба Аллоҳ ҳангоми мусибат. Ин се маъно воқеъ доранд, ки инсон онро ҳис карда метавонад ва якеро аз дигаре фарқ мекунад. Пас рӯҳ, ҷиҳати рӯҳӣ ва рӯҳоният воқеи мушаххас доранд, ки ҳис кардан мумкин аст. Бинобар ин, таъриф додани ин воқеъ ногузир аст, то он ба мардум  равшан гардад, чунончи ақл бо таъриф додан ба мардум равшан гаштааст.

Аз тадқиқи воқеи рӯҳ, рӯҳоният ва ҷиҳати рӯҳӣ аён мегардад, ки ин се чиз дар мулҳиде, ки мавҷудияти Аллоҳ Таолоро инкор мекунад, вуҷуд надорад, танҳо дар касоне, ки ба мавҷудияти илоҳ имон доранд, мавҷуд аст, яъне ин се чиз ба имон ба Аллоҳ вобастаанд. Агар имон мавҷуд бошад, онҳо низ мавҷуданд ва агар имон мавҷуд набошад, онҳо низ мавҷуд нестанд. Имон ба мавҷудияти Аллоҳ тасдиқи қатъии махлуқияти тамоми чизҳо ба офаридгор мебошад. Пас мавзӯи баҳс дар бораи махлуқияти тамоми чизҳо ба офаридгор аст. Эътирофи махлуқияти ин чизҳо ба офаридгор имон ва инкори махлуқияти ин чизҳо ба офаридгор куфр мебошад. Дар ҳолати эътироф ва тасдиқи қатъӣ ҷиҳати рӯҳӣ вуҷуд дорад. Айнан ҳамин тасдиқ ҷиҳати рӯҳиро пайдо мекунад. Дар ҳолати инкор ва эътироф накардан ҷиҳати рӯҳӣ вуҷуд надорад. Инкор сабаби вуҷуд надоштани ҷиҳати рӯҳӣ аст. Пас ҷиҳати рӯҳӣ махлуқияти ашё ба холиқ, яъне алоқамандии ашё ба холиқ аз ҷиҳати офариниш ва аз нестӣ ба вуҷуд омадан мебошад. Агар ақл ин алоқамандӣ, яъне махлуқияти ашёро ба холиқ дарк кунад, бо сабаби ин дарк ҳисси азамати холиқ, ҳисси тарс аз холиқ ва ҳисси муқаддасшумории холиқ ҳосил мешавад. Дарки алоқамандӣ, ки аз он ҳис ба вуҷуд меояд, рӯҳ мебошад. Пас рӯҳ дарки алоқамандӣ бо Аллоҳ аст. Ҳамин тавр, маънои ҷиҳати рӯҳӣ ва маънои рӯҳ равшан мегардад. Онҳо калимаҳое нестанд, ки ягон маънои луғавӣ дошта бошанд ва барои фаҳмидан ба луғат мурочиат карда шавад. Инчунин истилоҳоте нестанд, ки ҳар як халқ мувофиқи хоҳиши худ бипазирад. Ин маъноҳо новобаста ба лафзҳое, ки барои ифодаи онҳо ба кор бурда мешаванд, воқеи муайян доранд. Баҳс на дар бораи маънои луғавии

калимаҳо, балки дар бораи воқеи маъноҳои мазкур аст. Воқеи маъноҳои мазкур ин аст, ки рӯҳ аз рӯи ҷиҳати рӯҳии инсон дарки алоқамандӣ бо Аллоҳ ва ҷиҳати рӯҳии коинот, инсон ва ҳаёт махлуқияти онҳо ба холиқ мебошад. Вақте ки ин лафзҳо ба кор бурда мешаванд, аз онҳо маъноҳои мазкур ирода карда мешавад. Зеро ин маъноҳо воқеи маҳсус доранд, ки бар он бурҳон оварда мешавад ва ин воқеи маҳсус дар назди касоне, ки ба мавҷудияти илоҳ, яъне офаридгори ашё имон доранд, воқеи маъноҳои мазкур дар зеҳн ва берун аз зеҳн мебошад.

Рӯҳ ба маънои сирри ҳаёт қатъиян мавҷуд ва бо насси қатъии Қуръон собит аст. Ба мавҷудияти он имон овардан амри ҳатмист, вале он мавзӯи ин баҳс нест.

Калимаи "рӯҳ" лафзи муштарак аст ва мисли калимаи "айн" якчанд маъно дорад. Чунон ки калимаи "айн" ба ашёи зиёд: чашма, чашм, ҷосус, тилло, нуқра ва ҳоказо истифода бурда мешавад, калимаи "рӯҳ" низ ба якчанд маъно ба кор бурда мешавад. Рӯҳ дар Қуръон ба якчанд маъно омадааст. Масалан, аз калимаи "рӯҳ" сирри ҳаёт дар назар дошта шудааст:

وَيَسْأَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ قُلِ الرُّوحُ مِنْ أَمْرِ رَبِّي وَمَا أُوتِيتُم مِّن الْعِلْمِ إِلاَّ قَلِيلاً

"***Туро аз рӯҳ мепурсанд. Бигӯ: "Рӯҳ ҷузъе аз фармони Парвардигори ман аст ва шуморо ҷуз андак донише надодаанд***"" [17:85].

Инчунин аз ин калима Ҷабраил (а) ирода карда шудааст:

نَزَلَ بِهِ الرُّوحُ الْأَمِينُ عَلَى قَلْبِكَ لِتَكُونَ مِنَ الْمُنذِرِينَ

"***Онро рӯҳуламин нозил кардааст бар дили ту, то аз бимдиҳандагон бошӣ***" [26:193-194].

Инчунин аз ин калима шариат дар назар дошта шудааст:

وَكَذَلِكَ أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ رُوحًا مِّنْ أَمْرِنَا مَا كُنتَ تَدْرِي مَا الْكِتَابُ

"***Ҳамчунин каломи худро ба фармони худ ба ту ваҳй кардем***" [42:52].

Ҳамаи ин маъноҳо маъноҳое нестанд, ки аз суханони "дар он ҷиҳати рӯҳӣ мавҷуд аст" ё "ин ашёи рӯҳист" ё "аз рӯҳ ҷудо кардани модда" ва ё ғайра қасд карда мешавад. Ин суханон дар бораи рӯҳ ба маъноҳои рӯҳе, ки дар Қуръон омадааст, ягон алоқа надоранд, балки мақсад аз рӯҳ дар истеъмоли мазкур маъноест, ки ба офариниши модда таалluқ дорад, яъне ба махлуқияти ашё ба холиқ – Аллоҳ Таоло ва дарки алоқамандии ашё бо холиқ аз тарафи инсон таалluқ дорад.

Аз назари амиқ ва равшан ба инсон аён мегардад, ки ӯ дар дохили ду доира умр ба сар мебарад: якум – доираест, ки инсон бар он ҳукмрон аст; дуюм – доираест, ки бар инсон ҳукмронӣ мекунад. Доирае, ки бар инсон ҳукмронӣ мекунад, доираест, ки дар он қонунҳои вуҷуд ба инсон татбиқ карда мешаванд, инсон ҳамроҳи коиноту ҳаёт тибқи қонуни махсус ҳаракат мекунад ва бар хилофи ин қонун амал карда наметавонад. Бинобар ин, корҳо дар ин доира бо инсон бе хоҳиши ӯ рух медиҳанд ва инсон дар ин доира ихтиёр надорад, балки маҷбур аст. Масалан, ӯ ба ин дунё бе хоҳиши худ омадааст ва онро бе хоҳиши худ тарк мекунад. Инсон аз доираи қонуни коинот берун шуда наметавонад. Бинобар ин, ба корҳое, ки дар ин доира аз тарафи ӯ ё бо ӯ рух медиҳанд, масъул нест. Аммо дар доирае, ки инсон бар он ҳукмрон аст, инсон бо низоме, ки худаш ихтиёр мекунад, хоҳ шариати Аллоҳ бошад, хоҳ низоми дигар, бо ихтиёри худ ҳаракат мекунад. Корҳо дар ин доира, хоҳ аз тарафи инсон ва хоҳ бо инсон рух диҳанд, бо хоҳиши ӯ рух медиҳанд. Инсон, ҳар вақте ки мехоҳад, раҳ мегардад, хӯрок мехӯрад, об менӯшад, сафар мекунад ва ҳар вақте ки мехоҳад, аз ин ҳама даст мекашад. Инсон ҳамаи ин корҳоро бо ихтиёри худ анҷом медиҳад ва бо ихтиёри худ тарк мекунад. Бинобар ин, инсон ба корҳое, ки дар ин доира рух медиҳанд, масъул аст.

Инсон хоҳ дар доирае, ки ӯ бар он ҳукмрон аст ва хоҳ дар доирае, ки бар ӯ ҳукмронӣ мекунад, баъзе корҳоро меписандад ва баъзеи дигарро наменисандад, хоҳ аз тарафи ӯ ва хоҳ бо ӯ рух диҳанд. Ӯ кӯшиш мекунад, ки ин дӯстдорӣ ва бадбиниро хайр (некӣ) ва шарр (бадӣ) тафсир кунад. Ӯ мехоҳад ба коре, ки меписандад, калимаи "хайр"-ро ва ба коре, ки наменисандад, калимаи "шарр"-ро истифода

барад. Ҳамин тавр, дар асоси он ки ба ӯ фоида меорад ё зарар мерасонад, баъзе корҳоро хайр ва баъзеи дигарро шарр меномад.

Воқеан корҳое, ки дар доираи зери ҳукмронии инсон аз тарафи ӯ рух медиҳанд, хайр ё шарр тавсиф карда намешаванд. Зеро онҳо танҳо кор мебошанд ва дорои васфи хайр ё шарр нестанд. Хайр ё шарр будан ба нуқтаи назари хориҷӣ дар бораи ин корҳо вобаста аст. Масалан, одамкушӣ на хайр ва на шарр, балки танҳо қатл номида мешавад. Хайр ё шарр будани кори мазкур ба васфе, ки ба ин кор аз хориҷ дода мешавад, вобаста аст. Бинобар ин, куштани муҳориб хайр ва куштани шаҳрванд ё муоҳид ё мустаъмин шарр ба ҳисоб меравад. Қотили якум мукофот ва қотили дуюм ҷазо мегирад. Ҳол он ки ҳар ду қатл яксон аст, дар байни онҳо ягон фарқ нест. Пас васфи хайр ва шарр ба омилҳое, ки инсонро ба анҷоми кор такон медиҳад ва ғояе, ки инсон аз анҷоми кор қасд мекунад, вобаста аст. Пас омилҳое, ки инсонро ба анҷоми кор такон медиҳад ва ғояе, ки аз анҷоми кор қасд карда мешавад, ба инсон хоҳ писанд ояд ва хоҳ нохуш, хоҳ фоида биёрад ва хоҳ зарар, хайр ё шарр будани васфи корро муайян мекунад.

Бинобар ин, бояд омилҳое, ки инсонро ба анҷоми кори муайян такон медиҳад ва ғояе, ки инсон аз анҷоми кори мазкур қасд мекунад, дақиқ омӯхта шавад. Он гоҳ аён мегардад, ки кор кадом вақт хайр ва кадом вақт шарр тавсиф дода мешавад. Донистани омилҳои такондиҳанда ва ғояе, ки инсон ба он кӯшиш мекунад, ба навъи ақидае, ки инсон эътиқод мекунад, вобаста аст. Масалан, мусулмоне, ки ба Аллоҳ имон дорад, имон меорад, ки Ӯ Таоло саййидамон Муҳаммад (с)-ро бо шариати Ислом фиристодааст, ки ин шариат амру наҳйҳои Аллоҳро баён мекунад ва алоқаи инсонро бо Парвардигораш, бо худаш ва бо дигарон ба танзим медарород. Ба ин мусулмон воҷиб аст, ки дар тамоми корҳояш ба амру наҳйҳои Аллоҳ риоя намояд ва ғояе, ки ӯ аз ин амал қасд мекунад, ба даст даровардани ризои Аллоҳ бошад. Бинобар ин, дар тавсифи кор гуфта мешавад: "Аллоҳро дарғазаб мекунад" ё "Аллоҳро розӣ мекунад". Пас коре, ки Аллоҳро бо сабаби мухолифат ба амру наҳйҳо дарғазаб мекунад, шарр ва коре, ки Аллоҳро бо сабаби мутобиқат ба амру наҳйҳо розӣ мекунад, хайр аст.

Бинобар ин, метавон гуфт, ки дар назари мусулмон коре, ки Аллоҳро розӣ мекунад, хайр ва коре, ки Аллоҳро дарғазаб мекунад, шарр аст. Ин гуна тавсиф нисбат ба корҳое, ки дар доираи зери ҳукмронии инсон аз тарафи ӯ ё бо ӯ рух медиҳанд, истифода бурда мешавад. Аммо корҳоеро, ки дар доираи бар инсон ҳукмрон аз тарафи ӯ ё бо ӯ рух медиҳанд, инсон аз рӯи дӯстдориву бадбинӣ, фоидаву зарар хайр ё шарр тавсиф медиҳад:

**إِنَّ الْإِنسَانَ خُلِقَ هَلُوعًا إِذَا مَسَّهُ الشَّرُّ جَزُوعًا وَإِذَا مَسَّهُ الْخَيْرُ مَنُوعًا**

"***Ҳар оина одамиро ҳарису ношикебо офаридаанд. Чун шарре бад-ӯ расад, беқарорӣ кунад. Ва чун моле ба дасташ афтад, бухл меварзад***" [70:19-21],

**وَإِنَّهُ لِحُبِّ الْخَيْرِ لَشَدِيدٌ**

"***Ӯ молро фаровон дӯст дорад***" [100:8].

Лекин васфи мазкур маънои онро надорад, ки он дар ҳақиқат сифати корҳо бошад. Инсон гоҳо툐 кореро, ки аслан шарр аст, хайр медонад ва гоҳо кореро, ки аслан хайр аст, шарр медонад:

**وَعَسَى أَن تَكْرَهُواْ شَيْئًا وَهُوَ خَيْرٌ لَّكُمْ وَعَسَى أَن تُحِبُّواْ شَيْئًا وَهُوَ شَرٌّ لَّكُمْ وَاللّهُ يَعْلَمُ وَأَنتُمْ لاَ تَعْلَمُونَ**

"***Шояд чизеро нохуш бидоред ва дар он хайри шумо бошад ва шояд чизеро дӯст дошта бошед ва бароятон games нописанд афтад. Аллоҳ медонад ва шумо намедонед!***" [2:216].

Аз назари амиқу равшан ба корҳои инсон аён мегардад, ки корҳои инсон аз ҷиҳати кор будан дар ҳоли ҷудогона аз тамоми шароитҳову ҷиҳатҳо танҳо модда мебошанд. Корҳо бо сабаби модда будан бо ҳусну қубҳ (зебоиву зиштӣ) тавсиф дода намешаванд. Бо зебоиву зиштӣ тавсиф шудани онҳо ба шароитҳои берун аз кор ва ҷиҳатҳое,

ки ба чизи дигар тааллуқ дорад, вобаста аст. Ин чизи дигар, ки зебоӣ ё зиштии корро баён мекунад, ё танҳо ақл, ё танҳо шариат, ё ақл бо далел шудани шариат, ё шариат бо далел шудани ақл мебошад. Аммо тавсифи корҳои инсон танҳо аз ҷиҳати ақл ботил аст. Зеро ақл боиси тафовут, ихтилоф ва зиддиятҳо мегардад, миқёси ақл, ки зебоиву зиштиро муайян мекунад, аз муҳити зисти инсон таъсир мегирад ва бо гузашти асрҳо ба тавофут ва ихтилофи гуногун дучор мегардад. Агар муайян кардани зебоиву зиштӣ ба ақл супорида шавад, коре дар назди як гурӯҳ мардум зебо ва дар назди гурӯҳи дигар зишт, балки дар як аср зебо ва дар асри дигар зишт дониста мешавад. Ислом, азбаски мабдаи абадии умумиҷаҳонӣ мебошад, тақозо мекунад, ки тавсифи корҳо бо зебоӣ ё зиштӣ дар ҳама асрҳо барои ҷамии инсонҳо яксон бошад. Бинобар ин, зебоӣ ё зиштии корҳо бояд аз тарафи қувваи берун аз ақл, пас аз тарафи шариат баён карда шавад. Бинобар ин, тавсифи корҳои инсон бо зебоӣ ё зиштӣ танҳо аз тарафи шариат муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, хиёнат кори зишт, вафо кори зебо, фисқ кори зишт, тақво кори зебо, хуруҷ бар зидди Давлати Ислом кори зишт, ислоҳи хатоҳои давлат ҳангоми каҷравӣ дар фаъолият кори зебо мебошад. Зеро шариат ин ҳамаро баён кардааст. Аммо далел кардани шариат ба он чӣ, ки ақл далолат кардааст, дар мавзӯи зебоӣ ва зиштӣ ҳакам кардани ақлро тақозо мекунад, ки ботилии инро дар боло аллакай баён кардем. Аммо далел кардани ақл ба он чӣ, ки шариат далолат кардааст, ба ҳукми шаръӣ далел кардани ақлро тақозо мекунад. Ҳол он ки далели ҳукми шаръӣ нусус аст, на ақл. Вазифаи ақл фаҳмидани ҳукми шаръист, на ба он далел шудан. Аз ин рӯ, зебоӣ ва зиштӣ на ақлӣ, балки танҳо шаръӣ мебошад.

Фарқи тавсифи корҳо бо хайру шарр ва бо зебоиву зиштӣ ин аст, ки тавсифи корҳо бо хайру шарр аз ҷиҳати таъсири онҳо дар назари инсон ва аз ҷиҳати даст ба кор задан ё даст аз кор кашидан мебошад. Инсон аз рӯи таъсири корҳо нисбат ба худ, хоҳ зебо бошанд ва хоҳ зишт, ба корҳое, ки ба ӯ зарар мерасад ё намеписандад, калимаи "шарр"-ро ва ба корҳое, ки ба ӯ фоида меояд ва меписандад, калимаи "хайр"-ро истифода мебарад. Зеро дар ин ҳолат мавзӯи зебоиву зиштӣ ба хаёли ӯ намеояд. Инсон бинобар нуқтаи назари мазкур ба коре даст мезанад ё аз коре даст мекашад. Ҳамин тавр, нуқтаи

назари мазкур тасҳеҳ карда шуд, ки кор аз рӯи дӯстдорӣ ва бадбинӣ ё фоида ва зарар хайр ё шарр номида намешавад, балки миқёси хайр ё шарр будани кор ризои Аллоҳ Таоло аст. Ин ҷо баҳс на дар бораи худи кор, балки дар бораи миқёси хайру шарр аст, ки мардум бар он одат кардаанд.

Аммо тавсифи корҳо бо зебоӣ ва зиштӣ аз ҷиҳати ҳукми инсон дар бораи корҳо ва аз ҷиҳати ҷазову савоби корҳо мебошад. Инсон аз рӯи муқоисаи кор ба ашё салоҳияти ҳукмро дар бораи зебо ё зиштии кор ба худ додааст. Зеро ӯ метавонад талхиро зишт, шириниро зебо, шакли баднамудро зишт, шакли хушнамудро зебо ҳукм кунад. Бинобар ин, гумон кард, ки метавонад ростгӯиро зебо, дурӯғгӯиро зишт, вафодориро зебо, хиёнаткориро зишт ҳукм кунад. Дар натиҷа новобаста ба мавзӯи хайру шарр салоҳияти ҳукми корҳоро бо зебоӣ ё зиштӣ ба худ дод. Зеро дар ин ҳолат мавзӯи хайр ё шарр будани корҳо ба хаёли ӯ намеояд. Ӯ аз рӯи ин ҳукми худ ба кори зишт ҷазо ва ба кори зебо мукофот таъин кард. Ҳамин тавр, ин ҳукмбарорӣ тасҳеҳ карда шуд, ки кор бо ашё муқоиса карда намешавад. Зеро ҳис метавонад талхӣ, ширинӣ, баднамудӣ ва хушнамудии ашёро дарк кунад ва аз болои онҳо ҳукм барорад. Кор бар хилофи ин аст, зеро дар он чизе нест, ки инсон ҳис кунад, то онро бо зебоӣ ё зиштӣ ҳукм карда тавонад. Пас ҳукм кардани кор бо зебоӣ ё зиштӣ мутлақо ба худи кор вобаста нест ва инсон бояд онро аз ҷониби дигар гирад, ки он Аллоҳ Таолост. Ин ҷо баҳс дар бораи ҳукмбарорӣ аз болои кор аст, на дар бораи миқёси корҳо. Ин ҷо баҳс дар бораи таъини ҷазо ё савоб бар корҳо мебошад, на дар бораи даст задан ба корҳо ё даст кашидан аз корҳо. Бинобар ин, хайру шарр ва зебоиву зиштӣ аз ҳам фарқ мекунанд ва баҳсҳои тамоман ҷудогона ҳастанд.

Ин нисбат ба тавсифи корҳо мебошад. Аммо мақсади кор ин аст, ки ҳар як иҷрокунанда аз анҷоми ҳар кор ҳатман мақсаде дорад. Ин мақсад арзиши кор аст. Бинобар ин, арзиш доштани ҳар як кор, ки инсон ҳангоми анҷоми кор ба даст даровардани онро қасд мекунад, ҳатмист. Дар акси ҳол он кори беҳуда мебошад. Мумкин нест, ки инсон корҳои худро беҳудаю бе мақсад анҷом диҳад, балки ӯ бояд ба ҳусули арзиши корҳо, ки аз анҷоми кор қасд карда мешавад, эътибор нигаронад.

Арзиши кор метавонад арзиши моддӣ бошад, монанди корҳои тиҷорат, зироат ва саноат. Мақсад аз анҷоми ин гуна корҳо ба даст овардани фоидаҳои моддӣ, яъне даромад аст. Ин арзишест, ки дар зиндагӣ мавқеи худро дорад. Арзиши кор метавонад арзиши инсонӣ бошад, монанди наҷот додани ғарқшаванда ё кӯмак ба мазлумони ёриҷӯянда. Мақсад аз ин гуна корҳо новобаста ба ранг, ҷинс, дин ё ҷиҳати дигар ҷуз инсонӣ наҷот додани инсон аст. Арзиши кор метавонад арзиши хулқӣ бошад, монанди ростгӯӣ, амонатдорӣ ва дилсӯзӣ. Мақсад аз ин гуна корҳо новобаста ба фоида ва инсоният ҷиҳати хулқӣ мебошад. Зеро хулқ бо ғайри инсон низ рух медиҳад, монанди дилсӯзӣ ба ҳайвон ва паррандагон. Гоҳо мумкин аст аз кори хулқӣ зарари моддӣ расад, лекин ба даст даровардани арзиши кори мазкур воҷиб аст, ки он ҷиҳати хулқист. Ва ниҳоят, арзиши кор метавонад арзиши рӯҳӣ бошад, монанди ибодатҳо. Зеро мақсад аз ин гуна корҳо на фоидаҳои моддӣ ва на ҷиҳатҳои инсонӣ ва на масъалаҳои хулқӣ, балки танҳо ибодат аст. Бинобар ин, воҷиб аст, ки новобаста ба арзишҳои дигар ба пайдо кардани арзиши рӯҳӣ низ эътибор нигаронида шавад.

Ин арзишҳои тамоми корҳост ва инсон ҳангоми анҷоми корҳо ба ҳусули арзишҳои мазкур кӯшиш мекунад.

Ҷомеаҳои инсонӣ дар ҳаёти дунявӣ аз рӯи арзишҳои мазкур, аз рӯи миқдори арзишҳое, ки дар ҷомеа ба даст меоянд ва аз рӯи миқдори фаровониву хотирҷамъӣ, ки бо ҳусули ин арзишҳо таъмин мегардад, бо ҳам муқоиса карда мешаванд. Бинобар ин, мусулмон бояд ҳангоми анҷоми ҳар як кор барои ҳусули арзише, ки аз кори мазкур қасд карда шудааст, тамоми қувваи худро сарф намояд, то дар фаровониву пешрафти ҷомеа саҳми худро гузорад ва фаровониву хотирҷамъии худро таъмин намояд.

Ин арзишҳо аслан на аз якдигар афзал ва на ба якдигар баробаранд. Зеро онҳо хусусиятҳое надоранд, ки бар асоси онҳо аз якдигар афзал ё ба якдигар баробар донista шаванд. Ин арзишҳо ҳамагӣ натиҷаҳоест, ки инсон ҳангоми анҷоми кор онро қасд мекунад. Бинобар ин, бо як мизон ва бо як меъёр чен кардани арзишҳои мазкур номумкин аст. Зеро онҳо, гарчи ба якдигар зид набошанд ҳам, аз ҳам фарқ мекунанд. Лекин барои интихоб кардани афзалтарини арзишҳо бо якдигар муқоиса кардани арзишҳо

хусусияти инсон аст. Гарчи арзишҳо ба якдигар баробар ва аз якдигар афзал набошанд ҳам, инсон ба ин розӣ намешавад, балки якеро аз дигаре афзал ё якеро бо дигаре баробар медонад. Ин гуна афзал ва баробар донистан на бар асоси худи арзишҳо, балки бар асоси натиҷаҳои ин арзишҳо, ки ба инсон мерасад, пайдо мешавад. Бинобар ин, инсон на бар асоси худи арзишҳо, балки бар асоси фоидаву зарари ин арзишҳо якеро аз дигаре афзал ё якеро бо дигаре баробар медонад. Пас инсон ё худаш ва ё натиҷаҳоеро, ки аз ин арзишҳо ба даст меорад, миқёс қарор медиҳад. Аз ин мебарояд, ки афзалшуморӣ воқеан на аз худи арзишҳо, балки аз натиҷаҳои арзишҳо, ки инсон ба даст медарорад, ба миён меояд. Азбаски майли инсонҳо ба натиҷаҳои ин арзишҳо гуногун аст, аз якдигар афзал донистани арзишҳо низ гуногун мешавад.

Шахсоне, ки бар онҳо ҳисси рӯҳӣ ғолиб омадааст, ба ин ҳис сахт майл доранд ва арзиши моддиро беэътибор мегузоранд, арзиши рӯҳиро аз арзиши моддӣ афзал медонанд. Дар натиҷа ба ибодатҳо дода шуда, аз модда рӯ мегардонанд. Бинобар ин, ба садди роҳи ҳаёт табдил меёбанд, зеро ҳаёт модда аст. Оқибат боиси ақибмонии моддӣ мегарданд, бо сабаби ин гуна ашхос сатҳи зиндагии ҷомеае, ки онҳо зиндагӣ мекунанд, поён меравад, зеро дар ин гуна ҷомеа танбалӣ ва бефаъолиятӣ авҷ мегирад.

Шахсоне, ки бар онҳо майли моддӣ ғолиб омада, ғуломи ҳавои хоҳиш гаштаанд ва арзиши рӯҳиро беэътибор мегузоранд, арзиши моддиро афзал дониста, ба ҳусули он кӯшиш мекунанд. Бинобар ин, дар назди онҳо якчанд мақсади олӣ пайдо мешавад. Бо сабаби ин гуна ашхос ҷомеае, ки онҳо зиндагӣ мекунанд, беқарор гашта, дар он бадкирдориву фасодкорӣ авҷ мегирад.

Бинобар ин, ба ихтиёри инсон гузоштани таъини арзишҳои мазкур хатост. Балки ин арзишҳо бояд аз тарафи офаридгори инсон, яъне аз тарафи Аллоҳ Таоло таъин карда шавад. Бинобар ин, воҷиб аст, ки шариат ба инсон ин арзишҳо ва вақти ҳусули онҳоро таъин кунад ва инсон аз рӯи нишондоди шариат ин арзишҳоро ба даст дарорад.

Шариат муолиҷаҳои муаммоҳои зиндагиро бо амру наҳйҳои Аллоҳ баён кард ва ба инсон воҷиб гардонид, ки дар ҳаёт мувофиқи ин амру наҳйҳо амал намояд. Ҳамин тавр, амалҳоеро, ки арзиши рӯҳиро ҳосил мекунанд, яъне ибодатҳоеро, ки фарз ва суннат ҳастанд, баён

кард, сифатҳоеро, ки арзиши хулқиро ҳосил мекунанд, баён кард ва мувофиқи қонуни махсус ба даст даровардани арзиши моддиро, ки барои қонеъгардонии заруратy эҳтиёҷоти асосӣ ва эҳтиёҷоти ғайриасосии инсон лозим аст, ба ихтиёри инсон гузошт. Шариат ба инсон ин қонуни махсусро баён кард ва фармуд, ки аз чорчӯбаи он берун набарояд. Вазифаи инсон ин аст, ки мувофиқи амру наҳйҳои Аллоҳ ба ҳусули ин арзишҳо кӯшиш кунад ва онҳоро ба миқдоре ба даст дарорад, ки шариат ба ӯ нишон додааст.

Ҳамин тавр, дар ҷомеа, ба миқдоре ки ҳамчун ҷомеаи муайян лозим аст, арзишҳо ҳосил мешаванд ва ин ҷомеа аз рӯи ҳамин арзишҳо баҳо дода мешавад. Аз рӯи нуқтаи назари Ислом дар бораи ҳаёт, бояд дар ҳамин асос барои ҳусули арзишҳо саъю кӯшиш карда шавад, то ки ҷомеаи исломӣ ба вуҷуд ояд.

Бинобар ин, кори инсон модда аст, инсон корро ба равиши моддӣ анҷом медиҳад. Лекин ӯ ҳангоми анҷоми кор аз ҷиҳати ҳалол ё ҳаром будани ин кор алоқамандии худро бо Аллоҳ дарк мекунад ва дар ҳамин асос ба кор даст мезанад ё аз кор даст мекашад. Алоқамандии худро бо Аллоҳ дарк кардани инсон рӯҳ аст. Дарки мазкур инсонро ба омӯзиши шариати Аллоҳ водор месозад, то ки ӯ корҳоро фарқ карда тавонад. Дар натиҷа, чун аз корҳое, ки Аллоҳро розӣ мекунад ва корҳое, ки Аллоҳро дарғазаб мекунад, огоҳ мегардад, кори хайрро аз кори шарр, чун шариат ба ӯ корҳои зебову зиштро муайян мекунад, кори зеборо аз кори зишт фарқ мекунад ва арзишҳоеро, ки барои ҳаёти исломӣ дар ҷомеаи исломӣ лозиманд, аз рӯи нишондоди шариат мефаҳмад. Ҳамин тавр, инсон ҳангоми анҷом додани коре ва дарк кардани алоқамандии худ бо Аллоҳ имкон пайдо мекунад, ки аз рӯи ин дарк ба кори мазкур даст занад ё аз кори мазкур даст кашад. Зеро ӯ навъ, васф ва арзиши корро медонад. Аз ин рӯ, фалсафаи Ислом аз омехтани модда ва рӯҳ, яъне анҷоми корҳо мувофиқи амру наҳйҳои Аллоҳ иборат аст. Ин фалсафа барои ҳар як кор хоҳ кам бошад, хоҳ зиёд, хоҳ хурд бошад, хоҳ калон лозимӣ ва доимӣ аст. Ин фалсафа дар айни вақт тасвири ҳаёт мебошад. Азбаски ақидаи исломӣ асоси ҳаёт, асоси фалсафа ва асоси қонунҳост, ҳазорати исломӣ, ки маҷмӯи пиндорҳо дар бораи ҳаёт аз нуқтаи назари Ислом мебошад, бар асоси ягонаи рӯҳӣ бунёд

мегардад, ки он ақида аст. Дар назари Ислом тасвири ҳаёт омехтани моддаву рӯҳ ва маънои саодат ризои Аллоҳ мебошад.

Ақида, ки ҳалли муаммои бузург ба ҳисоб меравад, асоси корҳои инсон мебошад. Инчунин нуқтаи назар дар бораи ҳаёт ва фалсафаи Ислом, ки ин корҳоро ба танзим медарорад, бар асоси ақида бунёд мегардад. Пас қонунҳое, ки аз ин ақида сарчашма мегиранд, муаммоҳои инсонро муолиҷа мекунанд ва корҳои инсонро дақиқан ба танзим медароранд. Бинобар ин, татбиқи қонунҳо дар Дорулкуфр ё Дорулислом эътибор кардани кишвар ҷузъи муҳимми миқёс ба ҳисоб меравад.

Кишваре, ки дар он қонунҳои Ислом татбиқ мегардад, бо нозилкардаи Аллоҳ ҳукм ронда мешавад ва амнияти он бо пуштибонии Ислом таъмин аст, гарчи аксарияти аҳолияш мусулмон набошад ҳам, Дорулислом ба ҳисоб меравад. Кишваре, ки дар он шартҳои мазкур мавҷуд нест, гарчи аксарияти аҳолияш мусулмон бошад ҳам, Дорулкуфр ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, баъд аз ақида ба қонунҳои Ислом ва татбиқи ин қонунҳо дар майдони ҳаёт такя карда мешавад. Зеро татбиқи қонунҳои Ислом якҷоя бо ақида дар уммат ба равиши табиӣ ақлияи исломӣ ва нафсияи исломиро ба вуҷуд меорад ва мусулмонро ба шахсияти олитарин ва беҳтарин табдил медиҳад.

Ислом ба инсон ҳамчун кулли тақсимнопазир менигарад, корҳои инсонро, ҳарчанд зиёд ва гуногун бошанд ҳам, бо аҳкоми шаръӣ бо низоми ягонаву ҳамоҳанг ба танзим медарорад. Ин аҳкоми шаръӣ қонунҳои исломиест, ки ҳар гуна муаммои инсонро бо эътибори муаммои ҳалталаб, яъне масъалаи мӯҳтоҷи ҳукми шаръӣ муолиҷа мекунад. Бо ибораи дигар, ҳар як муамморо танҳо бо эътибори муаммои инсонӣ дар шакли ягона муолиҷа мекунад. Масалан, ҳангоми муолиҷаи муаммои иқтисодӣ, монанди нафақа, ё ҳангоми муолиҷаи муаммои ҳокимиятӣ, монанди интихоби Халифа, ё ҳангоми муолиҷаи муаммои иҷтимоӣ, монанди издивоҷ – ин ҳамаро на бо эътибори муаммои иқтисодӣ, ё муаммои ҳокимиятӣ, ё муаммои иҷтимоӣ, балки бо эътибори муаммои инсонӣ муолиҷа мекунад. Пас ҳалли ин муамморо истинбот менамояд. Ислом дар муолиҷаи муаммоҳои инсон тариқати ягона дорад: фаҳмидани

муаммои пешомада ва истинботи ҳукми Аллоҳ оид ба ин муаммо аз далелҳои шаръии тафсилӣ.
Қонунҳои исломӣ аҳкоми шаръиянд, ки ба ибодат, ахлоқ, хӯрок, пӯшок, муомилот ва уқубот таллуқ доранд.
Дар аҳкоми шаръӣ, ки ба ибодат, ахлоқ, хӯрок ва пӯшок таллуқ доранд, иллат нишон дода намешавад. Расул (с) гуфтаанд:

"لِعَيْنِهَا الْخَمْرَةُ حَرُمَتِ"

"***Хамр барои хамр будан ҳаром карда шуд***".

Аммо дар аҳкоми шаръӣ, ки ба муомилот ва уқубот таллуқ доранд, иллат нишон дода мешавад. Зеро аҳкоми шаръӣ оид ба муомилот ва уқубот бар асоси иллате, ки боиси ташреи ҳукм (қонунӣ гардонидани ҳукм) гаштааст, бунёд шудаанд. Аксарият дар таъсири мафкура ва ҳазорати Ғарб, ки танҳо манфиатро асоси тамоми корҳо медонад, одат пайдо кардаанд, ки манфиатро иллати тамоми ҳукмҳо нишон диҳанд. Ин ба мафкураи Ислом, ки рӯҳро асоси тамоми корҳо ва омехтани рӯҳу моддаро танзимгари корҳо (қоидаи корҳо) медонад, зид аст. Бинобар ин, дар аҳкоми шаръӣ оид ба ибодат, ахлоқ, хӯрок ва пӯшок мутлақо иллат нишон дода намешавад. Зеро дар ин аҳком иллат вуҷуд надорад. Ин аҳком, чунон ки дар насс омадаанд, айнан пазируфта мешаванд ва мутлақо бар иллат бунёд намеёбанд. Намоз, рӯза, ҳаҷ, закот, кайфияти намоз, шумораи ракъатҳои намоз, маносики ҳаҷ, нисобҳои закот ва ғайра новобаста ба иллат бар шакле, ки дар насс ворид шудаанд, бо қабулу таслими пурра пазируфта мешаванд, балки мутлақо ба онҳо иллат ҷуста намешавад. Таҳрими мурдор, гӯшти хук ва ғайра аз ин ҷумла аст, ки ҳаргиз ба онҳо иллат ҷуста намешавад, балки ҷустани иллати онҳо хато ва хатарнок аст. Агар ба ин аҳком иллат ҷуста шавад, аз байн рафтани иллат боиси аз байн рафтани ҳукм мегардад. Зеро иллат дар ҳастию нестӣ бо маълул якҷоя аст. Тахмин кунем, ки иллати таҳорат покӣ, иллати намоз варзиши бадан ва иллати рӯза тандурустӣ ва ҳоказо. Дар ин ҳолат, агар иллат аз байн равад, ҳукм низ аз байн меравад, ҳол он ки кор ин тавр нест. Бинобар ин, дар иллатҷӯӣ ҳам ба ҳукм ва ҳам ба иҷрои ҳукм хатар вуҷуд дорад. Пас

воҷиб аст, ки аҳкоми ибодат бе иллатҷӯӣ айнан пазируфта шавад. Аммо ҳикматро танҳо Аллоҳ Таоло медонад. Ақли мо ҳақиқати зоти Аллоҳро дарк карда наметавонад, пас ҳикмати Аллоҳ Таолоро низ дарк карда наметавонад. Аммо дар баъзе нусус ҳикматҳо ворид шудаанд. Масалан, дар оятҳои зерини Аллоҳ Таоло:

إِنَّ الصَّلَاةَ تَنْهَى عَنِ الْفَحْشَاء وَالْمُنكَرِ

"***Намоз одамиро аз фаҳшову мункар бозмедорад***" [29:45],

لِيَشْهَدُوا مَنَافِعَ لَهُمْ

"***То судҳоеро, ки аз они онҳост, бубинанд***" [22:28],

وَمَا آتَيْتُم مِّن زَكَاةٍ تُرِيدُونَ وَجْهَ اللَّهِ فَأُوْلَئِكَ هُمُ الْمُضْعِفُونَ

"***Ва моле, ки барои хушнудии Аллоҳ аз бобати закот мепардозед, касоне, ки чунин кунанд, подоши музоаф (дучанд) доранд***" [30:39].

Ин гуна ҳикматҳо, ки насс бар онҳо ҳуҷҷат шудааст, бо худи насс маҳдуд мегарданд. Ҳикмат танҳо аз ин насс гирифта мешавад, вале ба ин насс қиёс карда намешавад. Ба аҳкоми шаръӣ, ки дар нусус ҳикмати ҳукм наомадааст, чунон ки иллат ҷуста намешавад, ҳикмат низ ҷуста намешавад.

Ин дар бораи ибодат буд. Аммо ахлоқ арзишест, ки аз аҳком дар бораи сифату рафторҳои писандида ва мухолифи ин сифату рафторҳо ба вуҷуд меояд, чунон ки аз натиҷаҳои ибодат ва корҳое, ки бояд дар муомилот риоя карда шаванд, ба вуҷуд меояд. Зеро Ислом дар қонунгузорӣ қасд мекунад, ки инсонро ба сӯи камолот раҳнамун созад, то ӯ ба мартабаи олитарин расида тавонад. Бинобар ин, Ислом ҳарис аст, ки инсон сифатҳои олитарин дошта бошад ва бо ин сифатҳо мавсуф будани ӯ поянда бошад. Хулқи зебо арзишест, ки ҳангоми мавсуф шудан бо хулқи зебо ҳосил кардани он қасд карда

мешавад. Хулқи зебо хоси сифатҳои писандида аст, ки шариат онҳоро нишон додааст ва ҳангоми мавсуф шудан бо ин сифатҳои писандида арзиши хулқӣ қасд карда мешавад. Ахлоқ як ҷузъи шариати исломӣ ва як қисми амру наҳйҳои Аллоҳ мебошад, мусулмон бояд онро дар худ ҳосил кунад, то амал ба Ислом ва риояи амру наҳйҳои Аллоҳ аз тарафи ӯ мукаммал гардад.

Мусулмон сифатҳои хулқиро на барои сифати хулқӣ будан, на барои манфиатовар будан ва на барои чизи дигар, балки танҳо барои фармони Аллоҳ Таоло будан дар худ ҳосил мекунад. Бинобар ин, мусулмон ростгӯиро на барои ростгӯӣ будан ва на барои манфиатовар будан, балки барои фармони шариат будан дар худ ҳосил мекунад.

Танҳо барои хулқ будан дорои сифатҳои хулқӣ нагаштани мусулмон ба тавсифи корҳо вобаста аст. Гоҳо коре, ки инсон онро бо эътибори кор будан кори хайр гумон мекунад ва анҷом медиҳад, метавонад кори шарр бошад. Гоҳо сифате, ки инсон онро бо эътибори сифат будан сифати зебо гумон мекунад ва дар худ ҳосил мекунад, метавонад сифати зишт бошад. Ин ҷо, барои он ки инсон ахлоқро барои ахлоқ будан дар худ ҳосил мекунад, хато сар мезанад. Модом ки Ислом сифатҳои зебову зиштро таъин накунад ва мусулмон дар асоси баёни Ислом ин сифатҳоро ҳосил накунад, мувофиқи аҳкоми шаръӣ дорои ин сифатҳо гаштани ӯ имконнопазир аст. Бинобар ин, мусулмон набояд ростгӯиро танҳо барои ростгӯӣ будан дар худ ҳосил кунад, танҳо барои дилсӯзӣ будан ба заифон дилсӯзӣ кунад, тамоми сифатҳои ахлоқиро танҳо барои ахлоқ будан дар худ ҳосил кунад, балки бояд ин сифатҳоро барои фармони Аллоҳ Таоло будан дар худ ҳосил кунад. Зеро ахлоқ ба ақидаи исломӣ такя мекунад ва ақидаи исломӣ ҷавҳари ахлоқ аст. Ин чиз кафили пойдориву пояндагии хулқ дар инсон, пок нигоҳ доштани хулқ аз ҳар гуна палидиҳо ва ноаён ворид шудани сабабҳоест, ки шахсро фосид мекунад. Бинобар ин, бояд дар хулқ ба он чӣ, ки дар насс ворид шудааст, қаноат варзид, маҳз ба асоси рӯҳӣ маҳдуд шуд ва хулқро бар ақидаи исломӣ бунёд кард, ки ин роҳи эминдории хулқ мебошад.

Аммо барои манфиатовар будан дорои хулқ нашудани инсон ба мақсади хулқ вобаста аст, ки мақсад аз хулқ манфиат нест. Манфиат набояд мақсади хулқ бошад, то ки хулқро фосид насозад ва хулқ аз

рӯи манфиат тағйир наёбад. Ахлоқ сифатест, ки инсон бояд бо хоҳиши худ ва ихтиёран дар асоси такони тақвои Аллоҳ дар худ ҳосил кунад. Мусулмон корҳои хулқиро дар ҳаёт на барои фоидаовар ё зараровар будан, балки ба амру наҳйҳои Аллоҳ ҷавобан анҷом медиҳад. Ин боиси пояндагиву пойдории дорои хулқи зебо будани мусулмон мегардад, ки ин гуна хулқ ҳаргиз аз рӯи манфиат тағйир намеёбад.

Ахлоқе, ки бар асоси манфиат бунёд мегардад, соҳиби худро ба мунофиқе табдил медиҳад, ки ботинаш аз зоҳираш фарқ мекунад. Хулқ дар назари ин гуна инсон бар асоси манфиат бунёд мегардад ва хулқи ӯ аз рӯи манфиат тағйир меёбад. Зеро инсон ба аҳкоми иллатдор дар асоси иллати онҳо амал мекунад. Вақте ки зоил шудани иллати аҳкомро мебинад, ба мавҷудияти аҳком ва лозимии иҷрои аҳком эътиқод намекунад.

Бинобар ин, дар ахлоқ иллат нишон дода намешавад ва нишон додани иллати ахлоқ мутлақо ҷоиз нест. Ахлоқ новобаста ба ҳар гуна иллат дар шакле, ки дар шариат ворид шудааст, айнан пазируфта мешавад. Нишон додани иллати ахлоқ хато ва хатарнок аст, зеро баробари заволи иллат риояи ахлоқ низ барҳам мехӯрад.

Аз ин аён мегардад, ки мақсад аз ибодатҳо танҳо арзиши рӯҳӣ ва мақсад аз ахлоқ танҳо арзиши хулқист. Дар хусуси ибодат ва ахлоқ танҳо ба арзише, ки аз ҳар ду қасд карда мешавад, кифоя кардан воҷиб аст. Баёни фоида ва манфиатҳои ибодат ва ахлоқ ҷоиз нест, зеро ин баён барои ибодат ва ахлоқ хатарнок аст, ки боиси ба мунофиқ табдил ёфтани ибодаткунандагону соҳибхулқон ва тарки ибодату ахлоқ ҳангоми нопадид шудани фоидаву манфиатҳо мегардад.

Аммо дар хусуси аҳкоми шаръӣ, ки ба корҳои инсон дар алоқаи ӯ бо инсони дигар тааллуқ доранд, баъзе нусус ворид шудаанд, ки далели ин аҳком мебошанд ва иллатро дар бар мегиранд. Масалан, қавли зерини Аллоҳ Таоло дар бораи тақсими ғаниматҳои Банӣ-Назир на ба ансор, балки танҳо ба муҳоҷирон:

كَيْ لَا يَكُونَ دُولَةً بَيْنَ الْأَغْنِيَاءِ مِنكُمْ

"***То миёни тавонгаронатон даст ба даст нашавад***" [59:7].

Баъзеи ин нусус иллатро дар бар намегиранд. Масалан, қавли зерини Аллоҳ Таоло:

وَأَحَلَّ اللّهُ الْبَيْعَ وَحَرَّمَ الرِّبَا

"***Аллоҳ байъро ҳалол ва риборо ҳаром гардонидааст***" [2:275].

Танҳо иллати аҳкоме, ки нусус иллати онҳоро баён кардааст, нишон дода мешавад ва ба ин аҳком қиёс карда мешавад. Иллати аҳкоме, ки нусус иллати онҳоро баён накардааст, мутлақо нишон дода намешавад ва ба ин аҳком қиёс ҳам карда намешавад. Танҳо иллати шаръӣ, яъне иллате, ки нусуси шаръӣ: Китобу суннат нишон додааст, иллати мӯътабар мебошад. Зеро Китобу суннат нусуси шаръиянд. Бинобар ин, на иллати ақлӣ, балки иллати шаръӣ иллатест, ки ҳукми шаръии иллатдор бар асоси он бунёд мегардад. Бо ибораи дигар, иллат бояд ё сароҳатан, ё далолатан, ё истинботан ва ё қиёсан дар нусус омада бошад. Ин иллат дар ҳастию нестӣ бо ҳукми иллатдор якҷоя мебошад, аҳкоми иллатдор ҳамеша бо иллати худ якҷоя мебошанд. Масалан, чизе, ки дар як ҳолат бо сабаби иллати шаръӣ манъ карда шудааст, баробари заволи ин иллат ҷоиз мегардад. Пас ҳукми шаръӣ дар ҳастию нестӣ бо иллат якҷоя мебошад, яъне агар иллат мавҷуд бошад, ҳукм низ мавҷуд мешавад, агар иллат аз байн равад, ҳукм низ аз байн меравад.

Аммо нопадид гаштани ҳукм барои нопадид гаштани иллат маънои тағйир ёфтани ҳукмро надорад. Зеро ҳукми шаръии масъала ҳамон-ҳамон аст, тағйир наёфтааст, танҳо бо сабаби заволи иллат ҳукм аз байн рафтааст, бо баргаштани иллат ҳукм низ бармегардад.

Дар ҳастию нестӣ ҳамроҳи ҳукм будани иллат маънои онро надорад, ки ин аҳком бо тағйир ёфтани замону макон тағйир меёбад. Даъвои "ҷалби масолеҳ (ҷалби фоидаҳо) ва рафъи мафосид (дафъи зарарҳо) иллати аҳкоми шаръӣ мебошад" ва "аҳкоми шаръӣ бо тағйир ёфтани замону макон тағйир меёбад, пас ҳукм бо тағйирёбии замону макон тағйир меёбад" хатост. Зеро ҷалби масолеҳ ва рафъи мафосид

мутлақо иллати аҳкоми шаръӣ шуда наметавонад. Нассе наомадааст, ки ба иллати аҳкоми шаръӣ будани ҷалби масолеҳ ва рафъи мафосид далолат кунад. Инчунин нассе наомадааст, ки ба иллати ҳукми муайян будани ҷалби масолеҳ ва рафъи мафосид далолат кунад. Пас ҷалби масолеҳ ва рафъи мафосид иллати шаръӣ шуда наметавонад.

Иллати шаръӣ танҳо иллатест, ки насси шаръӣ ба он далолат кардааст. Бинобар ин, бо нусус муқайяд шудан ва дар доираи далолати нусус бозистодан зарур аст. Нусус на ба ҷалби масолеҳ ва на ба рафъи мафосид далолат кардааст. Пас на ҷалби масолеҳ ва рафъи мафосид, балки он чӣ, ки насс овардааст, иллати шаръӣ мебошад. На замону макон ва на амал, балки насси шаръӣ дар баёни иллати ҳукм ба он чӣ, ки насс овардааст, далолат кардааст. Ин насс мутлақо тағйир намеёбад. Пас ин ҷо замону макон, ҷалби масолеҳ ва рафъи мафосид ҳеҷ гуна арзишу эътибор надоранд.

Бинобар ин, аҳкоми шаръӣ бо тағйир ёфтани замону макон тағйир намеёбанд. Ҳукми шаръӣ ҳамон-ҳамон аст, гарчи замону макон гуногун шаванд ҳам, тағйир намеёбад.

Тағйир ёфтани урфу одатҳои мардум ба ҳукм таъсир намерасонад (боиси тағйир ёфтани ҳукм намегардад). Зеро урф на иллат ва на асоси ҳукм аст. Урф метавонад ба шариат зид бошад ва метавонад зид набошад. Агар он ба шариат зид бошад, шариат барои бекоркунӣ ва тағйирдиҳии он омадааст. Зеро кори шариат тағйир додани урфу одатҳои фасод мебошад, зеро ин гуна урфу одатҳо боиси фасодшавии ҷомеа мегарданд. Бинобар ин, урфу одатҳо на асос ва на иллати ҳукми шаръӣ дониста мешаванд ва ҳукми шаръӣ аз рӯи онҳо тағйир намеёбад. Агар урфу одат ба шариат зид набошад, ҳукми шаръӣ на дар асоси ин урфу одат, балки дар асоси далел ва иллати шаръӣ собит мешавад. Аз ин рӯ, одат аз болои шариат ҳакам шуда наметавонад, балки шариат аз болои урфу одатҳо ҳакам карда мешавад. Илова бар ин, далели аҳкоми шаръӣ насс аст ва аҳкоми шаръӣ иллати шаръӣ доранд. Урфу одат мутлақо далел ва иллат шуда наметавонад.

Аммо шоистагии шариати исломӣ ба тамоми замону макон аз он ҷиҳат аст, ки шариати исломӣ дар тамоми замону макон бо аҳкоми худ муаммоҳои инсонро муолиҷа мекунад ва муолиҷаҳои тамоми

муаммоҳои инсонро, ҳарчанд онҳо нав ва гуногун шаванд ҳам, дар бар мегирад. Зеро шариати исломӣ муаммоҳои инсонро танҳо бо эътибори муаммои инсонӣ муолиҷа намуд.

Инсон ғариза ва эҳтиёҷоти узвӣ дорад, ки дар тамоми замону макон тағйир намеёбад. Ҳамагӣ шаклҳои зиндагии инсон тағйир меёбанд, вале ин ба нуқтаи назари инсон дар бораи ҳаёт таъсир намерасонад. Ниёзҳои сершумору навшавандаи инсон аз ҳамин ғариза ва эҳтиёҷоти узвӣ сар мезанад. Шариат муолиҷаи тамоми ин ниёзҳои сершумору навшавандаро, ҳарчанд гуногуннавъ ва гуногуншакл бошанд ҳам, фаро мегирад. Ин яке аз сабабҳои нашъунамои фиқҳ мебошад. Аммо ин фарогирии шариат маънои онро надорад, ки шариат монанди акси садо бошаду ба ҳама чиз, гарчи ба худаш зид бошад ҳам, мувофиқ ояд, тадриҷан дигаргуншаванда бошаду ҳамроҳи замон тағйир ёбад. Маънои фарогирии шариат ин аст, ки нусус истинботи аҳкоми сершуморро дар бар мегирад ва ин аҳком ба масъалаҳои зиёд мутобиқат мекунад. Масалан, Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَإِنْ أَرْضَعْنَ لَكُمْ فَآتُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ

"***Ва агар фарзанди шуморо шир медиҳанд, муздашонро бидиҳед***" [65:6].

Аз ин оят ҳукми шаръӣ истинбот карда мешавад: "Зани талоқ кардашуда ба гирифтани музди ширдиҳӣ ҳақдор аст". Аз ин оят боз ҳукми шаръии дигар истинбот карда мешавад: "Ҳар як муздур, агар кори худро иҷро кунад, хоҳ муздури хос бошад, хоҳ муздури омм ба гирифтани музди кор ҳақдор аст". Ин ҳукм дар навбати худ ба якчанд масъала мутобиқ меояд, ки коркуни ҳукумат, коргари завод, деҳқони саҳроӣ ва ғайра аз ин ҷумлаанд. Ин ашхос, вақте ки вазифаи худро иҷро мекунанд, ба гирифтани музди кор ҳақдоранд, зеро муздури хосанд. Инчунин дуредгари ҷавонсоз, дӯзандаи либосдӯз, косиби кафшдӯз ва ғайра, вақте ки вазифаи худро иҷро мекунанд, ба гирифтани музди кор ҳақдоранд, зеро муздури омм мебошанд. Азбаски иҷора ақд дар байни кирокунанда ва кирошаванда мебошад, ҳоким ба ҳукми иҷора дохил намешавад. Зеро ӯ дар назди уммат муздур нест, балки иҷрокунандаи аҳкоми шаръӣ, яъне

татбиқкунандаи Ислом аст. Бинобар ин, Халифа барои иҷро кардани кори худ музд намегирад, зеро ба ӯ маҳз барои татбиқи шариат ва густариши даъвати исломӣ байъат дода шудааст. Пас ӯ дар назди уммат муздур нест. Инчунин муовинони Халифа ва волиён, ки аъзоёни ҳайати иҷроӣ ба ҳисоб меравaнд, барои иҷро кардани кори худ музд намегиранд, зеро кори онҳо ҳукмронӣ аст. Бинобар ин, онҳо муздур нестанд ва музд намегиранд, балки ба онҳо барои сарфи назар кардан аз адои корҳои шахсиашон, ба миқдоре ки ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти онҳо кифоя мекунад, маблағ таъин карда мешавад.

Ин гуна фарогирии нусус, ки ба истинботи якчанд аҳком имкон медиҳад ва ин гуна фарогирии аҳком, ки ба масъалаҳои зиёд мутобиқат мекунад, муолиҷаи пурраи муаммоҳои ҳаёти тамоми уммату наслҳоро дар ҳар як замону макон аз тарафи шариати исломӣ имконпазир мегардонад, вале шариати исломӣ ба замону макон мувофиқ намегардад ва тадриҷан дигаргун намешавад.

Насс, ки далели ҳукми шаръист, хоҳ Китоб бошад ва хоҳ суннат барои муолиҷаи муаммои мавҷуда аст. Зеро қасди Шореъ на фаҳмидани насс, балки пайравӣ ба маъноҳои насс мебошад. Бинобар ин, дар истинботи аҳком ба ҷиҳати иллати ҳукм эътибор дода мешавад, яъне дар насс ҳангоми истинботи ҳукм ба ҷиҳати ташреӣ эътибор дода мешавад.

Далел ё иллати ҳукмро дар бар мегирад, ё иллат аз далели дигар ё маҷмӯи далелҳо гирифта мешавад. Дар ҳукм, гарчи он аз далели худ истинбот карда шавад ҳам, ҷиҳати иллат ба эътибор гирифта мешавад ва ба шакле, ки барои муолиҷаи муаммои рухдода дар насс омадааст, риоя карда намешавад. Қавли зерини Аллоҳ Таоло ба ин мисол мебошад:

وَأَعِدُّواْ لَهُم مَّا اسْتَطَعْتُم مِّن قُوَّةٍ وَمِن رِّبَاطِ الْخَيْلِ تُرْهِبُونَ بِهِ عَدْوَّ اللّهِ وَعَدُوَّكُمْ

"***Ва дар баробари онҳо то метавонед нерӯ ва аспони саворӣ омода кунед, то душманони Аллоҳ ва душманони худро битарсонед***" [8:60].

Ҳукм омода кардани қувва аст. Муаммои рухдода бо омода кардани қувва, аз ҷумла аспони саворӣ муолиҷа карда шудааст. Ҷиҳати иллат дар ин ҳукм тарсонидани душман аст. Вақте ки имрӯз аз ин далел ҳукми омодакуниро истинбот мекунем, ҷиҳати иллати ҳукмро ба эътибор гирифта, чизҳоеро, ки воқеан душманро ба тарс меандозад, омода мекунем ва ба он чӣ, ки бо он муаммои рухдода муолиҷа карда шудааст, яъне ба аспони саворӣ, ки дар насс нозил шудааст, риоя намекунем.

Дар ҳар як далеле, ки аз он ҳукм истинбот карда мешавад, ҳамин тавр амал карда мешавад. Зеро мурод амалигардонии ҷиҳати иллати ҳукм аст. Бинобар ин, шариати исломӣ тақозо мекунад, ки аҳком оид ба муносибатҳои мардум бар иллати худ бунёд шавад ва ҳангоми истинботи аҳком на ба шакле, ки дар насс ворид шудааст, балки ба ҷиҳати ташреӣ эътибор дода шавад.

Чунон ки матни Китобу суннат далели шаръии ҳукм мебошад, иҷмои саҳобагон ва қиёс низ аз далелҳои шаръӣ ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, далелҳои шаръии иҷмолии аҳкоми шаръӣ: Китоб, суннат, иҷмои саҳобагон ва қиёс мебошад. Аммо мазҳаби саҳобӣ дар масъалаҳои иҷтиҳод далели шаръӣ шуда наметавонад. Зеро саҳобӣ низ аз аҳли иҷтиҳод ва хато кардани ӯ мумкин аст. Илова бар ин, саҳобагон дар якчанд масъала ихтилоф карда, ҳар яки онҳо дар иҷтиҳод роҳеро пеш гирифтаанд, ки аз роҳи дигаре фарқ дорад. Агар мазҳаби саҳобӣ ҳуҷҷат карда шавад, ҳуҷҷатҳои Аллоҳ гуногун ва пурзиддият мегарданд. Аз ин сабаб, мазҳаби саҳобӣ далели шаръӣ ба ҳисоб намеравад, балки мисли дигар мазҳабҳои мӯътабар мазҳабест, ки амал кардан ҷоиз аст. Аммо аҳкоме, ки саҳобагон иттифоқ кардаанд, на мазҳаби онҳо, балки иҷмоъ мебошад.

Шариати умматҳои пешина барои мо шариат ва аз далелҳои шаръӣ эътибор карда намешавад. Маънои имон ба ҳамаи набиён, расулон ва китобҳое, ки ба ин набиёну расулон нозил шудаанд, гарчи ақидаи исломӣ ба онҳо имон оварданро воҷиб гардонад ҳам, на пайравӣ ба онҳо, балки танҳо тасдиқи нубувват, рисолат ва китобҳои ба онҳо нозилшуда мебошад. Зеро баъд аз пайғамбар фиристода шудани Муҳаммад (с) аз тамоми мардум тарки дини худ ва қабули Ислом

талаб карда шудааст. Ягон дин ҷуз дини Ислом ҳеҷ гуна эътибор надорад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

إِنَّ الدِّينَ عِندَ اللّهِ الإِسْلاَمُ

"***Ҳар оина дин дар назди Аллоҳ дини Ислом аст***" [3:19].

وَمَن يَبْتَغِ غَيْرَ الإِسْلاَمِ دِينًا فَلَن يُقْبَلَ مِنْهُ

"***Ва ҳар кас, ки дине ҷуз Ислом ихтиёр кунад, аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд***"
[3:85].
Мазмуни оятҳои мазкур кушоду равшан аст. Аз ин ҷо қоидаи "шариати умматҳои пешина барои мо шариат нест" истинбот карда шудааст. Далели ин иҷмои саҳобагон аст: Шариате, ки Муҳаммад (с) овардаанд, тамоми шариатҳои пешинаро бекор кардааст, зеро Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَأَنزَلْنَا إِلَيْكَ الْكِتَابَ بِالْحَقِّ مُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ مِنَ الْكِتَابِ وَمُهَيْمِنًا

"***Ва ин китобро ба ростӣ бар ту нозил кардем: тасдиқкунанда ва ҳоким бар китобҳоест, ки пеш аз он будаанд***" [5:48],

яъне фармонраво ва ҳукмфармо. Ҳукмфармоии Қуръон бар китобҳои пешина бекор шудани шариатҳои пешина аст, бо ибораи дигар, тасдиқкунанда ва бекоркунандаи шариатҳои пешина будани Қуръон аст. Аз Пайғамбар (с) ривоят карда мешавад, ки эшон дар дасти Умар ибни Хаттоб як порчаи Тавротро диданд, ки Умар ба он нигоҳ мекард. Пас ба ғазаб омаданд ва гуфтанд:

"أَلَمْ آتِ بِهَا بَيْضَاءَ نَقِيَّةً وَلَوْ أَدْرَ كَنِي أَخِي مُوسَى لَمَا وَسِعَهُ إِلاَّ اتِّبَاعِي"

"***Магар ба ҷои ин китоби сафеду софро наёвардам?! Агар бародарам Мӯсо зинда буд, танҳо ба ман пайравӣ мекард***".

Илова бар ин, аксари маносики ҳаҷ, монанди тавофи гирди Каъба, бӯсидану ламс кардани Ҳаҷаруласвад, саъйи миёни Сафо ва Марва, дар даври ҷоҳилият ҳам мавҷуд буд. Вақте ки мо бо онҳо амал ва ибодат мекунем, онҳоро на бо эътибори маносики шариати пешина, балки бо эътибори маносики шариати исломӣ ба ҷо меорем. Зеро Ислом ин маносикро на бо эътибори эътирофи шариати пешина, балки бо эътибори аҳкоми шаръии нав овард. Ҳамин тавр, тамоми аҳкомеро, ки дар ҷамии динҳои пешина омадаанд, тарк ва танҳо аҳкомеро, ки шариати Ислом овардааст, адо мекунем. Бинобар ин, насрониён ва яҳудиён ба шариати исломӣ даъват ва ба тарки шариатҳои худ амр карда шудаанд. Зеро Ислом шариати онҳоро бекор кардааст. Модом ки ба яҳудиён ва насрониён пайравӣ ба шариати Ислом ва тарки дини худ воҷиб бошад, чӣ тавр аз мусулмон талаб карда шавад, ки шариатҳои пешинаро барои худ шариат донад? Аммо Аллоҳ Таоло гуфтааст:

إِنَّا أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ كَمَا أَوْحَيْنَا إِلَى نُوحٍ

"***Мо ба ту ваҳӣ кардем, ҳамчунон ки ба Нӯҳ ваҳӣ кардаем***" [4:163].

Мурод аз оят ин аст: "***Аллоҳ Таоло, мисли он ки ба пайғамбарони дигар ваҳӣ фиристодааст, ба Муҳаммад (с) низ ваҳӣ фиристод***". Аллоҳ Таоло боз гуфтааст:

شَرَعَ لَكُم مِّنَ الدِّينِ مَا وَصَّى بِهِ نُوحًا وَالَّذِي أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ

"***Барои шумо оини муқаррар кард, аз ҳамон гуна ки ба Нӯҳ тавсия карда буд***"
[42:13].
Маънои оят ин аст: "***Аллоҳ асли тавҳидро, ки ба Нӯҳ (а) тавсия карда буд, ба шумо низ шариат таъин кард***".
Аллоҳ Таоло боз гуфтааст:

ثُمَّ أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ أَنِ اتَّبِعْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفًا

"***Ба ту низ ваҳӣ кардем, ки аз оини ҳанифи Иброҳим пайравӣ кун***"

[16:123].

Маънои оят ин аст: "***Ба асли тавҳид пайравӣ кунед***". Зеро маънои калимаи "***миллат***" асли тавҳид аст. Мурод аз тамоми ин оятҳо ва оятҳои ҳамонанди онҳо баёни он аст, ки Пайғамбар (с) аввалини пайғамбарон нест, балки эшон мисли пайғамбарони дигар пайғамбар фиристода шудаанд ва асли тавҳид динест, ки барои ҳамаи набиёну расулон муштарак мебошад. Аммо ҳар як пайғамбар бо истиснои тавҳид бо шариати алоҳида фиристода шудааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

لِكُلٍّ جَعَلْنَا مِنكُمْ شِرْعَةً وَمِنْهَاجًا

"***Барои ҳар гурӯҳе аз шумо шариат ва равише ниҳодем***" [5:48].

Бинобар ин, шариати умматҳои пешина барои мо шариат нест ва аз далелҳои шаръӣ, ки аз онҳо аҳком истинбот карда мешавад, эътибор карда намешавад.

Дар асл истинботи аҳком кори муҷтаҳидон аст, зеро донистани ҳукми Аллоҳ дар масъалаи муайян танҳо бо иҷтиҳод имконпазир аст. Бинобар ин, иҷтиҳод зарур аст. Олимони усул баён кардаанд, ки иҷтиҳод ба мусулмонон фарзи кифоя аст. Аз муҷтаҳид холӣ будани ягон аср ҷоиз нест. Агар тамоми мусулмонон ба тарки иҷтиҳод иттифоқ кунанд, ҳама гуноҳкор мешаванд. Зеро роҳи донистани аҳкоми шаръӣ маҳз иҷтиҳод аст. Агар ягон аср аз муҷтаҳиде, ки дар донистани аҳком ба ӯ такя кардан мумкин аст, холӣ монад, ин боиси тарки риояи шариат ва азбайнравии аҳком мегардад, ки ҳаргиз ҷоиз нест. Иҷтиҳод якчанд шарт дорад, ки олимони усул онҳоро батафсил баён кардаанд. Иҷтиҳод ба дониши васеъ, фаҳмиши дурусти нусус, дониши кофии забони арабӣ, донистани масъалаҳои шаръӣ ва огоҳӣ аз далелҳои онҳо мӯҳтоҷ аст.

Бинобар ин, бе андеша ва таҳқиқи дақиқ гирифтани ҳукм, инчунин ҳила кор фармудан нисбат ба нусус дар истинботи ҳукм ҳангоми падид омадани манфиат дар ин ҳукм ва маънидод кардани нусус бар хилофи қасди ин нусус иҷтиҳод номида намешавад. Балки ин бар зидди дини Аллоҳ ҷуръат кардан аст, ки ҳар кас ба ин кор даст занад, ба азоби Аллоҳ гирифтор мегардад.

Дуруст, дари иҷтиҳод кушода аст, вале барои олимҳо, на барои нодонҳо. Муҷтаҳидон се навъанд: муҷтаҳиди мутлақ, муҷтаҳиди мазҳаб ва муҷтаҳиди як масъала. Муҷтаҳиди мутлақ ва муҷтаҳиди мазҳаб шартҳои хоса доранд, аммо муҷтаҳиди як масъала касест, ки ба фаҳмидани нусус, инчунин тафтиши як масъала, далели ин масъала ва далели муҷтаҳидон дар бораи масъалаи мазкур қодир аст. Ин кор барои ҳар як мусулмоне, ки донистани аҳкоми Аллоҳро қасд мекунад, лозим аст. Зеро дар асл, аз рӯи нишондоди шариат, мусулмон бояд ҳукми шаръиро аз далел бевосита худаш гирад, яъне дар масъалаҳое, ки ба ӯ лозим аст, муҷтаҳид бошад.

Вале баъд аз он ки мазҳабҳои муҷтаҳидон китобат ва қоидаву ҳукмҳо ҷамъоварӣ карда шуданд, дар дилҳо фикрати иҷтиҳод заиф ва муҷтаҳидон камёб гаштанд. Аз ин сабаб, дар байни мусулмонон тақлид авҷ гирифт ва иҷтиҳод ба ҳодисаи нодир табдил ёфт. Дар натиҷаи туғёни фикрати тақлид ашхосе пайдо шуданд, ки дар бораи бастани дари иҷтиҳод ва воҷиб будани тақлид ҳарф мезаданд. Аз ин сабаб, аксарияти мусулмонон, гарчи ҳамаи онҳо набошад ҳам, ба муқаллидон (тақлидкунандагон) табдил ёфтанд.

Муқаллид ду навъ аст: муттабеъ ва омӣ. Фарқи муттабеъ ва омӣ ин аст: Муттабеъ ҳукмеро, ки яке аз муҷтаҳидон истинбот кардааст, баъд аз ҳосил кардани қаноат ба далели такякунандаи ин муҷтаҳид мегирад, бе донистани далели ҳукм ба ин муҷтаҳид пайравӣ намекунад. Аммо омӣ бе пурсишу баҳси далел дар ҳукми шаръӣ ба муҷтаҳид тақлид мекунад. Муттабеъ аз омӣ беҳтар аст. Аксари мутақаддимин (мусулмонони пешина), азбаски ба далелҳо аҳамият додаанд, муттабеъ буданд. Чун асри таназзулу ақибмондагӣ фаро расида, муттабеъ шудани мардум душвор гашт, мардум дар аҳком бе пурсишу баҳси далел ба имом ва муҷтаҳидон тақлид карданд. Илова бар ин, олимон ба омӣ шудани шахс, гарчи ӯ аз омӯзандагон бошад ҳам, сукут карданд ва розӣ шуданд. Сабаби сукути олимон ба

падидаи мазкур ин буд, ки тақлид кардани муқаллид хоҳ муттабеъ бошад ва хоҳ омӣ ҷоиз аст. Аслан мусулмон бояд ҳукмро аз далел гирад, вале ба ӯ тақлид кардан ва муттабеъ будан, яъне донистани ҳукм ва далели ин ҳукм, сипас қаноат ҳосил кардан ба ҳукми мазкур ҷоиз аст. Ин ҳолат мусулмонро, гарчи дар як масъала бошад ҳам, ба иҷтиҳод лаёқатманд мегардонад. Ин кор дар асри имрӯза ба мо зарур аст. Фатово аз боби иҷтиҳоди як масъала нест, зеро ба боби иҷтиҳод дохил намешаванд, балки фатово услуби сатҳитарини таълифи китоб дар соҳаи фиқҳ мебошад. Баъд аз асри муҷтаҳидон асри шогирдони ин муҷтаҳидон ва шогирдони шогирдон оғоз ёфт. Онҳо бо шарҳи раъйҳову қоидаҳои мазҳаб ва танзими ин раъйҳову қоидаҳо машғул шуданд. Асри мазкур асри гулгулшукуфии фиқҳ ба ҳисоб меравад. Дар ин аср китобҳои мӯътабари фиқҳии мазҳабҳои гуногун таълиф дода шуданд. Ин китобҳо манбаи асосии муроҷиат дар масъалаҳои фиқҳӣ ба ҳисоб меравланд. Ин ҳолат то асри ҳафтуми ҳиҷрӣ идома ёфт. Сипас асри таназзулу ақибмонии фиқҳ фаро расид. Асри мазкур асри таълифи шарҳу ҳошияҳо ба ҳисоб меравад, ки аксари онҳо аз навигарӣ, истинбот ва ҳатто иҷтиҳод дар як масъала холӣ мебошанд. Баъд аз ин асри боз ҳам ақибмондатар омад. Дар ин аср олимон ба тариқати овардани масъала ва аҳком бе зикри вуҷӯҳу фурӯъ пайравӣ карданд. Ин масъалаҳо фатово номида шуданд. Бинобар ин, сарчашмаи мӯътабари аҳкоми шаръӣ қарор додани ин тариқат ва фатово дуруст нест, зеро ҳар ду аз тариқати иҷтиҳод дар истинботи аҳком дуранд.

Ҳамин тавр, сарчашмаи мӯътабари аҳкоми шаръӣ қарор додани манбаъҳое, ки дар тариқати тақнини ташреӣ (қонунгузорӣ) таълиф шудаанд, дуруст нест, зеро ин як намуди тақлид ба қонунҳои Ғарб мебошад. Ин тақнин фиқҳро дар шакли мухтасар меорад, дар ин гуна манбаъҳо овардани масъалаҳои фиқҳие, ки далел надоранд ё далели заиф доранд, рӯҳияи созгорӣ бо аср ва таъвил барои мувофиқат ба нуқтаи назари Ғарб дар ҳалли муаммоҳо ҳукмрон аст. Илова бар ин, дар онҳо ҷиҳати ташреӣ ва иҷтиҳод вуҷуд надорад. Бинобар ин, ҳам татбиқ ва ҳам сарчашмаи мӯътабар эътибор кардани онҳо дуруст нест. Мавҷудияти ин гуна манбаъҳо барои фиқҳ ва ташреъ (қонунгузории исломӣ) бало шуд, зеро онҳо кӯшишҳои тақлидӣ ҳастанд, ки дониши мардумро дар бораи фиқҳи исломӣ

заиф сохтанд. Ҳол он ки боигарии фиқҳи исломӣ басо калон ва аз боигариҳои фиқҳии тамоми халқҳо зиёд аст. Ин боигарии фиқҳӣ барои қозӣ ва ҳокимон басо зарур аст, лекин танзими тақлидӣ дар сурати қонун онро коста ва маҳв сохт, дар натиҷа қозиҳо, азбаски танҳо бо донистани ҳамин қонунҳо кифоя карданд, дар соҳаи фиқҳ нодон (бемаърифат) гаштанд. Илова бар ин, қонунҳои мазкур қолаби қонунӣ надоранд, зеро ҳамагӣ маҷмӯи шарҳҳои фиқҳии баъзе фуқаҳоест, ки таҳти рақамҳои пайдарпай оварда шудаанд. Дар онҳо ба эҷоди қоидаҳои умумӣ, ки мавзӯи моддаҳо мешаванд ва барои масъалаҳо матраҳ мегарданд, кӯшиш карда нашудааст, балки худи масъала ба модда табдил дода шудааст. Ин ба қолаби қонунӣ зид аст. Ҳатто баъзе моддаҳое, ки дар бораи қоидаҳо омадаанд, бо қоидаҳои ғайриумумӣ омадаанд ва ҳамагӣ таърифҳое мебошанд, ки аз китобҳои фиқҳ рӯбардор карда шудаанд. Ҳамаи моддаҳо қариб ба ҳамин тарз тартиб дода шудаанд. Бинобар ин, пазируфтан ва сарчашмаи мӯътабар қарор додани қонунҳои мазкур ҷоиз нест. Зеро онҳо услуби фасод ва маълумоти сатҳӣ доранд, инчунин аз аҳкоми шаръии мӯътабар, ки ба далелҳои тафсилӣ такя мекунанд, дур мебошанд.

Ҳангоми тартиб додани дустур ва қонунҳо дар ташреъ (қонунгузорӣ) барои кафолати фаҳмиши ин дустуру қонунҳо аз тарафи қозиён ва ҳокимон мебояд роҳи зеринро пеш гирифт:

1. Баъд аз омӯзиши муаммоҳои инсонӣ дар шакли қоидаҳои кулливу умумӣ ё аҳкоми шаръии куллӣ дустури умумӣ тартиб дода мешавад. Аз фиқҳи исломӣ гирифта шудани ин дустур шарт аст. Илова бар ин, қоида ва аҳком бояд бо донистани далелҳо ва қаноат ҳосил кардан ба ин далелҳо аз раъйи яке аз муҷтаҳидон ё аз Китобу суннат ё аз иҷмои саҳобагон ва ё аз қиёс гирифта шавад, лекин маҳз бо иҷтиҳоди шаръӣ, гарчи иҷтиҳоди ҷузъӣ, яъне иҷтиҳод дар як масъала бошад ҳам. Дар бораи сабабҳои мусбати ҳар як модда ба мазҳабе, ки модда ба он такя кардааст ё далеле, ки модда аз он истинбот карда шудааст, ишора карда мешавад. Ба воқеи ногувори мусулмонон, воқеи умматҳои дигар ва низомҳои ғайриисломӣ мутлақо эътибор дода намешавад.

2. Аҳкоми шаръӣ дар асоси дар боло зикршуда мувофиқи дустур бо ишора ба мазҳаб ва далел ҳамчун лоиҳаи қонунҳо оид ба уқубот,

ҳуқуқ, баййинот ва ғайра оварда мешаванд ва шарт аст, ки бо қоидаҳои умумӣ қолаби қонунро дошта бошанд, то барои қозӣ ва ҳокимон сарчашмаи мўътабари фиқҳӣ шуда тавонад.

3. Нусуси шаръӣ, фиқҳи исломӣ ва илми усули фиқҳ бояд барои қозӣ ва ҳокимон сарчашмаи мўътабари тафсири дустуру қонунҳо бошад, то ки барои қозӣ ва ҳокимон василаҳои фаҳми амиқ муҳайё гардад.

Қозӣ бар хилофи аҳкоми шаръӣ, ки давлат табаннӣ кардааст, ҳукм бароварда наметавонад, зеро "амри имом дар зоҳиру ботин нуфуз дорад". Аммо дар масъалаҳое, ки давлат дар бораи онҳо ҳукмеро табаннӣ накардааст, қозӣ бо ҳукми шаръие, ки онро ба масъала мувофиқ медонад, ҳукм мебарорад, хоҳ раъйи ягон муҷтаҳид бошад, хоҳ раъйе, ки бо иҷтиҳоди худ истинбот кардааст.

4. Ҳангоми истинбот ва табаннӣ кардани аҳком фаҳмидану донистани воқеъ, фаҳмиши зарурии муолиҷаи воқеъ аз далели шаръӣ, ки фаҳмидани ҳукми Аллоҳ мебошад ва дар ин воқеъ бо он ҳукм карда мешавад, бояд ба эътибор гирифта шавад. Ба ибораи дигар, бо омўзишу донистани воқеъ ба ҳукми Аллоҳ расида мешавад.

Давлат бар тамоми шаҳрвандони худ хоҳ мусулмон бошад ва хоҳ ғайримусулмон шариати исломиро татбиқ мекунад. Аммо ғайримусулмонон дар эътиқод ва ибодат ба ҳоли худ вогузошта мешаванд. Дар хўроку пўшок бо онҳо дар доираи низоми умумӣ мувофиқи динашон муомила карда мешавад. Аҳволи шахсӣ, монанди издивоҷ ва талоқ дар миёни онҳо мувофиқи динашон ҳукм карда мешавад. Аммо корҳои боқимондаи шариати исломӣ: аҳкоми муомилоту уқубот, низоми ҳокимияту иқтисод ва ғайра ба ҳамагон хоҳ мусулмонон бошанд, хоҳ ғайримусулмонон яксон татбиқ карда мешавад. Аммо нисбат ба мусулмонон давлат тамоми шариати исломӣ: ибодат, ахлоқ, муомилот, уқубот ва ғайраро татбиқ мекунад. Вазифаи давлат комилан татбиқ кардани Ислом аст ва татбиқи Ислом бар ғайримусулмонон даъват ба Ислом эътибор карда мешавад. Зеро шариат барои тамоми инсоният умумӣ мебошад ва давлат онро дар ҳар як кишвари зери ҳукмронии худ барои расонидани даъват татбиқ мекунад. Сирри футуҳоти исломӣ маҳз дар расонидани даъвати исломӣ мебошад.

Ислом ақидаест, ки аз он низом сарчашма мегирад. Ин низом аҳкоми шаръиест, ки аз далелҳои тафсилӣ истинбот карда шудаанд. Ислом дар низом кайфияти татбиқи аҳкомро бо аҳкоми шаръӣ баён кардааст. Аҳкоми шаръие, ки кайфияти татбиқро баён мекунанд, тариқат ва боқимонда фикрат мебошад. Пас Ислом аз фикрат ва тариқат иборат аст. Ақида ва аҳкоми шаръие, ки муаммоҳои инсонро муоличa мекунанд, фикрат ва аҳкоми шаръие, ки кайфияти татбиқи ин муоличаҳо, муҳофизати ақида ва расонидани даъватро баён мекунанд, тариқат мебошад. Бинобар ин, тариқати Ислом ҳамҷинси фикрати Ислом ва ҷузъи Ислом аст. Пас дар даъват ба Ислом танҳо ба баёни фикрати он кифоя кардан ҷоиз нест, балки даъват бояд тариқатро низ дар бар гирад. Аз ин рӯ, мабдаъ аз маҷмӯи фикрат ва тариқат иборат аст. Имон ба тариқат монанди имон ба фикрат мебошад. Пас тариқат ва фикрат бояд кулли тақсимнопазир ва ба ҳам зич алоқаманд бошанд, то дар татбиқи фикрати исломӣ танҳо тариқати исломӣ ба кор бурда шавад ва маҷмӯи ҳар ду Ислом бошад, ки бо он ҳукм ронда мешавад ва ба он даъват карда мешавад. Модом ки тариқат дар шариат мавҷуд бошад, дар хусуси тариқат танҳо ба аҳкоме, ки шариат овардааст ва аз нусуси шариат истинбот карда мешаванд, маҳдуд шудан лозим аст. Дар Китобу суннат, чунон ки аҳкоми фикрат омадаанд, аҳкоми тариқат низ омадаанд. Қавли зерини Аллоҳ Таоло аз аҳкоми тариқат аст:

وَإِمَّا تَخَافَنَّ مِن قَوْمٍ خِيَانَةً فَانبِذْ إِلَيْهِمْ عَلَى سَوَاء

"***Агар медонӣ, ки гурӯҳе дар паймон хиёнат меварзанд, ба онон эълом кун, ки ҳамонанди худашон амал хоҳӣ кард***" [8:58].

Ҳадиси зерини Расулуллоҳ (с) низ аз аҳкоми тариқат аст:

"لاَ تَتَمَنَّوْا لِقَاءَ الْعَدُوِّ فَإِذَا لَقِيْتُمُوهُمْ فَاصْبِرُوا"

"***Ба душман вохӯрданро орзу накунед ва агар бо он вохӯрдед, пас босабр бошед***".

Ҳамин тавр, тамоми аҳкоми тариқат мисли аҳкоми дигар аз Китоб, суннат, иҷмои саҳобагон ва қиёс бо роҳи иҷтиҳод истинбот карда мешаванд. Азбаски суннат баёнкунандаи Китоб аст, фикрат дар Китоб муҷмал ва дар суннат муфассал омадааст, тариқат низ дар Қуръон муҷмал ва дар суннат муфассал омадааст. Бинобар ин, саййидамон Муҳаммад (с)-ро, ки пайғамбари Аллоҳ мебошанд, бояд барои худ машъали ҳидоят донем ва аҳкоми тариқатро, чунон ки аз Қуръон мегирем, аз амал, қавл ва сукути эшон бигирем, зеро ин ҳама шариат аст. Илова бар ин, дар фаҳмидани сират бояд хулафои рошидин ва саҳобагони дигарро барои худ намунаи ибрат донем ва ақли худро дар доираи нишондоди шариат ба силоҳи пурзӯри фаҳмиш ва истинбот табдил диҳем.

Аҳкоми шаръие, ки кайфияти татбиқро баён мекунад, ба амалҳо далолат мекунанд. Бинобар ин, амалҳои мазкурро хоҳ ба татбиқ тааллуқдор бошанд ва хоҳ ба расонидани даъват иҷро кардан зарур аст. Ин амалҳо воситаҳо нестанд, зеро восита силоҳест, ки дар аснои иҷрои амал истифода карда мешавад ва аз рӯи навъи амалҳо гуногун мешавад, мувофиқи шароитҳо тағйир меёбад ва онро навъи амал муайян мекунад. Бинобар ин, дар восита ба ҳолати муайян риоя карда намешавад. Аммо амалҳое, ки тариқат ба онҳо далолат мекунад, тағйир намеёбанд, балки мувофиқи далолати насс иҷро карда мешаванд. Иҷрои амале ба ҷуз амале, ки шариат баён кардааст, ҷоиз нест. Инчунин амал дар мавзеъе ҷуз мавзеъе, ки ҳукми шаръӣ баён кардааст, иҷро карда намешавад.

Агар ба амалҳое, ки аҳкоми шаръӣ оид ба тариқат ба онҳо далолат мекунанд, дақиқан назар афканда шавад, аён мегардад, ки онҳо амалҳое нестанд, ки натиҷаи ҳиснашаванда диҳанд, балки амалҳои моддиянд, ки натиҷаи ҳисшаванда медиҳанд, ҳарчанд ҳар ду навъи амалҳо арзиши ягонаро ҳосил кунанд ҳам. Масалан, дуо амалест, ки арзиши рӯҳиро ҳосил мекунад. Ҷиҳод низ амали моддиест, ки арзиши рӯҳиро ҳосил мекунад. Лекин дуо, гарчи амали моддӣ бошад ҳам, натиҷаи ҳиснашаванда, яъне савобро ҳосил мекунад, гарчи мақсади дуокунанда ба даст овардани арзиши рӯҳӣ бошад ҳам. Ҷиҳод аз ин фарқ мекунад, зеро он ҷанг бо душманон ва амали моддиест, ки натиҷаи ҳисшаванда, яъне фатҳи қалъа ё шаҳр, қатли душман ва амсоли инро ҳосил мекунад, гарчи мақсади муҷоҳид ба

даст овардани арзиши рӯҳӣ бошад ҳам. Пас амалҳои тариқат амалҳои моддиянд, натиҷаи ҳисшаванда медиҳанд ва аз амалҳои дигар фарқ мекунанд. Бинобар ин, гарчи муҷоҳид ба Аллоҳ дуо кунад ҳам, дуо тариқати ҷиҳод нест. Инчунин, гарчи ба дузд ваъзу насиҳат карда шавад ҳам, ваъз тариқати боздоштани дузд нест. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَقَاتِلُوهُمْ حَتَّى لاَ تَكُونَ فِتْنَةٌ وَيَكُونَ الدِّينُ كُلُّهُ لِلّه

"***Бо онон набард кунед, то дигар фитнае набошад ва дини ҳама дини Аллоҳ гардад***" [8:39],

وَالسَّارِقُ وَالسَّارِقَةُ فَاقْطَعُواْ أَيْدِيَهُمَا

"***Дасти марди дузд ва зани дуздро бибуред***" [5:38].

Бинобар ин, аз амалҳои дорои натиҷаи ҳиснашаванда иборат будани тамоми амалҳое, ки бо татбиқи фикрати Ислом дар назар дошта мешавад, инкор карда мешавад ва ин бар хилофи тариқати Ислом маҳсуб меёбад. Ин ҷо миёни амалҳое, ки барои татбиқи аҳком оид ба муолиҷаи муаммоҳо анҷом дода мешавад ва амалҳое, ки барои расонидани даъвати исломӣ анҷом дода мешаванд, фарқ вуҷуд надорад. Масалан, намоз аз фикрат ба ҳисоб меравад ва тариқати татбиқи намоз давлат аст. Бинобар ин, барои он ки мардум намозро адо намоянд, танҳо аз таълиму тавҷеҳ ҳамчун тариқат истифода бурдани давлат ҷоиз нест. Давлат, гарчи таълиму тавҷеҳро ба роҳ монад ҳам, бояд тарккунандаи намозро бо ҷазои моддӣ, монанди ҳабскунӣ, ҷазо диҳад. Расонидани даъвати исломӣ низ монанди ҳамин аст. Зеро расонидани даъват низ аз фикрат аст ва тариқати татбиқи он аз тарафи давлат ҷиҳод, яъне ҷанг бо душманон мебошад. Бинобар ин, дар бартарафсозии монеаҳои роҳи даъват мутолиаи "Саҳеҳ"-и Бухориро ба кор бурдани давлат ҷоиз нест, балки бояд ҷиҳод, яъне ҷанги моддиро бар зидди душманон истифода барад. Дар тамоми амалҳо ҳамин тавр аст.

Вале бояд маълум бошад, ки гарчи амали ба тариқат далолаткунанда амали моддии дорои натиҷаи ҳисшаванда бошад ҳам, ин амал бояд дар асоси амру наҳйҳои Аллоҳ иҷро гардад ва аз иҷрои он дар асоси амру наҳйҳои Аллоҳ ризои Аллоҳ қасд карда шавад. Инчунин дар зеҳни мусулмон бояд дарки алоқамандӣ бо Аллоҳ Таоло ҳукмрон бошад, то ки ӯ бо тиловати Қуръон, намоз, дуо ва амалҳои монанди ин ба Аллоҳ қурбат ҳосил кунад. Мусулмон бояд эътиқод дошта бошад, ки пирӯзӣ аз ҷониби Аллоҳ меояд. Бинобар ин, барои иҷрои аҳкоми Аллоҳ тақвое зарур аст, ки он дар қалбҳо мустаҳкам ҷой гирад. Илова бар ин, дуову зикри Аллоҳ ва бардавомии алоқамандӣ бо Аллоҳ ҳангоми анҷоми тамоми амалҳо лозим аст.

Ин аз ҷиҳати тариқат ва аҳкоми шаръӣ будани ин тариқат аст, ки бояд ба он бечунучаро риоя намоем ва ҳаргиз мухолифат наварзем, инчунин аз ҷиҳати амалҳоест, ки натиҷаҳои ҳисшаванда медиҳанд. Аммо дар ҳосил кардани натиҷаҳо бояд ба қоидаи амалӣ пайравӣ намуд. Қоидаи амалӣ ин аст, ки амал бояд бар фикр бунёд гардад ва барои ғояи муайян бошад, яъне ҳис кардани воқеъ якҷоя бо маълумоти собиқа бояд фикрро ҳосил кунад, ин фикр бо амал якҷоя ва фикру амал барои ғояи муайян бошад, инчунин ин ҳама бар асоси имон бунёд гардад, то инсон ҳамеша дар муҳити имонӣ қарор гирад. Аз фикр ё ғояи муайян ё имон ҷудо кардани амал мутлақо ҷоиз нест. Зеро дар ин ҷудокунӣ, ҳарчанд андак бошад ҳам, ба амал, натиҷаи амал ва пояндагии амал хатар вуҷуд дорад. Аз ин сабаб, ба ҳар кас, ки ба амал шурӯъ мекунад, барои оғози амал бояд ғояи амал фаҳмо ва равшан бошад. Мантиқи ҳискунӣ бояд асос бошад, яъне фаҳмиш ва фикррони бояд на аз тахминҳои хушку холӣ дар бораи масъалаҳои хаёлӣ, балки аз ҳискунӣ ба вуҷуд ояд ва ҳискунии воқеъ ба майна таъсир расонида, якҷоя бо маълумоти собиқа ҳаракати майна, яъне фикрро ба вуҷуд биёрад. Усуле, ки фикррониии амиқ ва амали натиҷаоварро ба вуҷуд меорад, ҳамин аст. Мантиқи ҳискунӣ боиси пайдоиши ҳисси фикрӣ мегардад, яъне ҳискуниеро, ки фикр дар инсон тақвият медиҳад, ҳосил мекунад. Бинобар ин, ҳискунии даъваткунандагон баъд аз фаҳмидани даъват аз ҳискунии аввала пурзӯртар мегардад.

Аз ҳискунӣ на ба фикр, балки бевосита ба амал гузаштан хатарнок аст. Зеро ин чиз воқеъро тағйир намедиҳад, балки инсонро ба воқеъпарасти ҷаҳолатпараст табдил медиҳад, ки аз рӯи ақлияи пасту ақибмонда рафтор мекунад ва воқеъро на майдони фикрронӣ, балки манбаи фикрронӣ медонад. Бинобар ин, ҳискунӣ бояд аввало фикрро ҳосил кунад ва сипас ин фикр амалро ба вуҷуд орад. Ин ба инсон имкон медиҳад, ки аз воқеъ боло истад ва барои гузариши инқилобӣ ба вазъи беҳтар фаъолият кунад. Пас касе, ки бо ҳис кардани воқеъ бевосита ба амал шурӯъ мекунад, воқеъро тағйир дода наметавонад, балки амали ӯ аз мувофиқгардонии худ ба воқеъ иборат мешавад. Дар натиҷа ӯ дар ҳолати пастӣ ва ақибмондагӣ боқӣ мемонад. Касе, ки бо ҳис кардани воқеъ дар бораи кайфияти тағйирдиҳии ин воқеъ фикр мекунад ва сипас дар асоси ин фикрронӣ амал мекунад, воқеъро ба мабдаи худ мувофиқ гардонида ва куллан тағйир дода метавонад. Ин мувофиқи тариқати инқилобист, ки тариқати ягонаи азнавсаркунии ҳаёти исломӣ мебошад. Зеро ин тариқат тақозо мекунад, ки фикр аз ҳискунӣ ба вуҷуд ояд ва ин фикр, то андозае ки дар зеҳн шакли ҳандасии фикрат ва тариқатро кашида метавонад, равшан бошад. Дар натиҷа инсон мабдаъро дуруст дарк мекунад. Ин дарк амалро ба вуҷуд меорад, ҳатто дар фикр инқилоби комил ба вуҷуд меояд. Ҳамон вақт ӯ бо фикри мазкур ба омодакунии шахсҳо, ҷомеаҳо ва муҳитҳо мепардозад, то ки баъд аз пайдо шудани дарки умумии мабдаъ: фикрат ва тариқат, дар афкори омма низ инқилоб ба вуҷуд ояд. Сипас бо воситаи ҳокимият ба татбиқи инқилобии мабдаъ шурӯъ карда мешавад, ки дар ин татбиқ ҳеҷ гуна тадриҷият ё "чорасозӣ" пазируфта намешавад. Ин тариқати инқилобӣ тақозо мекунад, ки фикр аз ҳискунӣ ба вуҷуд омада, бо амал якҷоя ва барои ғояи муайян бошад. Танҳо бо фикри амиқ ба ин кор муваффақ шудан мумкин аст.

Ин фикри амиқ ба чизе, ки онро ба вуҷуд меорад ё боиси болоравӣ ва сайқалёбии он мегардад, мӯҳтоҷ мешавад. Тариқати инқилобӣ ба омодакунии шахсҳо ва ҷомеаҳо дар асоси мабдаъ мӯҳтоҷ мешавад. Ба вуҷуд овардани фикри амиқ ва омодакунии шахсҳо дар асоси мабдаъ аз хоҳишмандони ин амал тақозо мекунад, ки Ислом ва ҷомеаро омӯзанд. Омӯзиши мазкур танҳо бо воситаи сайқал додани зеҳн бо маълумот амалӣ мегардад. Роҳи осонтарин ва наздиктарин

дар расонидани ин маълумот ба зеҳн, барои он ки ба пайдошавии фикр мусоидат намояд, омӯзиш аст.

Ислом дар омӯзиш (таълиму тадрис) тариқати хоса дорад, риояи ин тариқат боиси самарабахшии омӯзиш мегардад. Тариқат ин аст, ки бояд маълумот барои амалкунӣ омӯхта шавад ва омӯзанда (дорис) бояд онро ба тарзи фикрӣ ва дилангез қабул намояд: ба ҳисси ӯ таъсир кунад (ҳисси ӯро ангезад), то ҳисси ҳаёт ва вазифаҳои ҳаёт дар ӯ аз фикри таъсирбахшу дилангез ба вуҷуд ояд, ҳатто дар омӯзанда оташ, ҷӯшу хурӯш (шуҷоат), фикр ва маърифати ғанӣ ба вуҷуд ояд ва татбиқ ба натиҷаи табиӣ табдил ёбад. Ин тариқати омӯзиш дар омӯзанда фаҳмиш ва қобилиятеро пайдо мекунад, ки чизҳои фаҳмидаи худро дар шакли таъсирбахшу дилангез ба дигарон расонида метавонад, илова бар ин, доираи фикрронӣро васеъ гардонида, фикрро бо ҳис мепайвандад ва ба омӯзанда ҳақиқатҳоеро, ки муаммоҳои зиндагиро муолиҷа мекунанд, таълим медиҳад. Аз ин сабаб, омӯзиш набояд танҳо барои ҳосил кардани илм бошад, то ки омӯзанда ба китоби ҳаракаткунанда монанд нагардад. Инчунин омӯзиш набояд танҳо аз ваъзу иршод иборат бошад, зеро ин омӯзиши сатҳиест, ки аз ҳарорати имон холӣ мебошад. Омӯзандаи Ислом бояд гумон накунад, ки омӯзиш танҳо аз илм ва ваъзҳо иборат аст, балки пиндорад, ки танҳо аз илму ваъз иборат будани омӯзиш барои амал хатарнок аст, аз амал ба дур мекашад (диққатро аз амал ба чизи дигар ҷалб месозад) ва карахт мекунад.

Барои расидан ба ғояе, ки аз амал қасд карда мешавад, бояд тасаввур кард, ки ба ғоя расидан ба ҷиддияту аҳамият, риояи бечунучарои маҷбуриятҳои Ислом ва маҷбуриятҳое, ки масъулияти ҳизбӣ тақозо мекунад, мӯҳтоҷ аст. Ислом маҷбуриятҳои муайяни салбӣ ва эҷобӣ дорад, ки аз таклифҳои молӣ, ҷасадӣ ва нафсӣ иборат аст. Баъзеи ин маҷбуриятҳо барои ҳар як кас фарз ва воҷибанд. Баъзеи дигар изофа ба ин фарзу воҷиботанд, касоне, ки ба мартабаи баланди рӯҳӣ ва ақлӣ расидаанд, онҳоро ихтиёран ба ҷо меоранд ва мехоҳанд, ки ба Аллоҳ Таоло боз ҳам бештар қурбат ҳосил кунанд. Адои ин маҷбуриятҳо барои ба ғоя расидан зарур аст. Бинобар ин, ба адои тамоми навъҳои маҷбуриятҳои фарз: молӣ, ҷасадӣ ва нафсӣ,

худро омода ва маҷбур сохтан зарур аст, то ки умеди ба ғоя расидан пайдо шавад.

Барои натиҷа додани амал бояд макone, ки амал дар он ҷо оғоз меёбад ва ҷамоае, ки ин амалро оғоз мекунад, муқаррар карда шавад. Дуруст, Ислом дини умумиҷаҳонӣ ва умумибашарист (ба тамоми инсоният нигаронида шудааст), тамоми инсонҳоро баробар медонад. Ислом дар даъват ба гуногунии муҳит, макон, замин ва ғайра аҳамият намедиҳад, балки тамоми инсонҳоро ба қабули даъват шоиста медонад ва мусулмононро аз расонидани ин даъват ба тамоми инсоният масъул меҳисобад. Бо вуҷуди ин, Ислом амалро дар тамоми ҷаҳон якбора оғоз намекунад. Зеро ин гуна оғози амал кори бемуваффақият ба ҳисоб меравад ва мутлақо натиҷа намедиҳад. Амал бояд дар фард оғоз ёфта, дар ҷаҳон ба ниҳоя расад. Бинобар ин, расонидани даъват бояд дар макone оғоз ёбад, ки даъват дар он ҷо тамаркуз ёфта, ин макон "нуқтаи ибтидо" мегардад. Сипас даъват ин макон ё маконҳои дигарро фаро гирифта, дар он ҷо низ тамаркуз меёбад ва ин макон ё маконҳо "нуқтаи интилоқ" таъин карда мешавад, ки даъват аз он ҷо бо роҳи худ густариш меёбад. Сипас ин макон ё макони дигар "нуқтаи иртикоз", ки дар он ҷо давлат бунёд мегардад, таъин карда мешавад. Дар ин давлат даъват тамаркуз ёфта, роҳи табиии худ, яъне роҳи ҷиҳодро пеш мегирад. Макон дар ҳар як нуқта майдони фаъолият таъин карда мешавад, вале на макон, балки даъват аз нуқтае ба нуқтае интиқол меёбад. Пас даъват дар як вақт дар тамоми маконҳое, ки фаъолият ба роҳ монда мешавад, интиқол меёбад. Гарчи таъин кардани макон лозим бошад ҳам, барои он ки нуқтаи ибтидо бошад, сипас нуқтаи интилоқ ва нуқтаи иртикоз ба вуҷуд ояд, таъини макони ҳар се нуқта ба доираи зери ҳукмронии инсон дохил намешавад. Инсон ин гуна имкониятро надорад ва дошта ҳам наметавонад, зеро кори мазкур ба доирае, ки бар инсон ҳукмрон аст, дохил мешавад. Вазифаи инсон танҳо анҷоми амалҳоест, ки ба доираи зери ҳукмронии ӯ дохил мешаванд. Аммо амалҳо дар доираи дигар бо хоҳиш ва қазои Аллоҳ анҷом мепазиранд.

Макони шахсе, ки дар зеҳнаш аввалин шарораи даъват пайдо шудааст ва Аллоҳ барои расонидани даъват омода кардааст, қатъиян нуқтаи ибтидо таъин карда мешавад. Гоҳо якчанд шахс бо ин гуна

эҳсос (сифат) машҳур мегарданд, лекин шахсе, ки Аллоҳ барои расонидани даъват омода кардааст, то вақте ки пайдо шуда, дар макони худ ба даъват шурӯъ мекунад, номаълум мемонад. Маконе, ки ин шахс пайдо мешавад, нуқтаи ибтидо таъин мегардад.

Аммо нуқтаи интилоқ ба омодагии ҷомеаҳо вобаста аст, зеро ҷомеаҳо дар фикр, ҳис ва қонунҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Маконе, ки ҷомеаи он ҷо шоиста ва муҳити он ҷо мувофиқ аст, нуқтаи интилоқ таъин мегардад. Аксар вақт маконе, ки нуқтаи ибтидо мебошад, гарчи ҳатмӣ набошад ҳам, нуқтаи интилоқ таъин карда мешавад. Зеро макони шоистатарин барои густариш маконест, ки зулми сиёсиву иқтисодӣ пурзӯр ва бединиву фасод авҷ гирифтааст.

Нуқтаи иртикоз низ ба муваффақияти даъват дар ҷомеа вобаста аст. Маконе, ки даъват ба ҷомеаи он ҷо таъсир расонида ва барои даъват муҳити муносибро ба вуҷуд оварда наметавонад, ҳарчанд даъваткунандагони мабдаъ сершумор бошанд ҳам, барои нуқтаи иртикоз шудан шоиста нест. Маконе, ки фикрату тариқат аз тарафи ҷомеа азхуд карда мешавад ва бар муҳити он ҷо ҳукмрон мегардад, новобаста ба шумораи даъваткунандагони мабдаъ барои нуқтаи иртикоз шудан шоиста аст.

Бинобар ин, даъваткунандагон ба даъват аз рӯи шумораи даъваткунандагон баҳо надиҳанд. Ин гуна баҳогузорӣ хатои маҳз ва барои даъват хатарнок аст. Зеро он диққати даъваткунандагонро аз ҷомеа ба шахсҳо ҷалб мекунад ва боиси сустӣ мегардад, ҳатто мумкин аст боиси нокомӣ дар ин макон гардад. Гап дар он аст, ки ҷомеа, чунон ки аксарият гумон мекунанд, танҳо аз фардҳо ташкил наёфтааст, балки фардҳо ҷузъи ҷомеа мебошанд ва дар ҷомеа ҷузъҳои дигар: фикрҳо, ҳисҳо ва қонунҳо ҳастанд, ки ин фардҳоро муттаҳид месозанд. Бинобар ин, даъват ба тасҳеҳи фикрҳо, ҳисҳо ва қонунҳо нигаронида мешавад. Ин даъват ҷамоӣ ва на барои фардҳо, балки барои ҷомеа мебошад. Ислоҳи фардҳо танҳо барои аъзо шудани ин фардҳо ба гурӯҳбандии ҷамоӣ мебошад, ки ин гурӯҳбандӣ дар ҷомеа даъватро мерасонад. Бинобар ин, даъваткунандагоне, ки ҳақиқати даъватро фаҳмидаанд, дар расонидани даъват танҳо ба ҷомеа такя мекунанд ва мепиндоранд, ки бо ислоҳи фард ислоҳ кардани ҷомеа ғайриимкон аст, ҳатто ислоҳи фард ислоҳи доимӣ шуда наметавонад. Зеро ислоҳи фард

танҳо бо ислоҳи ҷомеа ба даст меояд. Вақте ки ҷомеа ислоҳ карда мешавад, фард низ ислоҳ мегардад. Бинобар ин, даъват бояд ба ҷомеаҳо нигаронида шавад ва ба қоидаи зерин риоя карда шавад: "Ҷомеаро ислоҳ намо, он гоҳ фард низ ислоҳ мегардад ва ислоҳи ӯ доимӣ мешавад".

Ҷомеа ба об дар деги калон монанд аст. Агар ба таг ё атрофи ин дег чизи хунуккунандаро гузоред, об хунук шуда, ба ях табдил меёбад. Инчунин агар ба ҷомеа мабдаъҳои фасод ворид гардад, ҷомеа дар фасодӣ карахт шуда, ақибмониву инқироз идома меёбад. Агар мабдаъҳои бо ҳам мухолиф ворид гардад, дар ҷомеа зиддиятҳо сар зада, ҷомеа дар гирдоби зиддияту беқарориҳо раҳгум мезанад. Агар ба таги дег оташи шӯълаварро гузоред, об гарм мешавад, сипас ҷӯшида, ба бухори теладиҳанда ва ҳаракатдиҳанда табдил меёбад. Инчунин агар ба ҷомеа мабдаи дуруст ворид гардад, ин мабдаъ дар ҷомеа ба оташ табдил ёфта, бо ҳарорати худ ҷомеаро аввал ба ҷӯш ва сипас ба ҳаракату ҷаҳиш меорад. Дар натиҷа ҷомеа мабдаъро татбиқ карда, даъватро ба ҷомеаҳои дигар мерасонад. Чунон ки тағйирёбии оби дег ба мушоҳида намерасад, гузариши ҷомеа аз ҳолате ба ҳолати хилофи пештара, бо ибораи дигар, тағйирёбии ҷомеа аз як ҳолат ба ҳолати дигар мушоҳида карда намешавад. Вале касоне, ки ҷомеаро медонанд ва ба оташи шӯълавару нури дурахшон будани мабдаи худ боварии комил доранд, басо хуб медонанд, ки ҷомеа дар ҳолати дигаргуншавӣ қарор дорад, ба зудӣ ба дараҷаи ҷӯшиш ва сипас албатта ба дараҷаи ҳаракату ҷаҳиш мерасад. Бинобар ин, онҳо эътибори худро ба ҷомеа менигаронанд.

Бинобар ин, маконеро, ки ба нуқтаи иртикоз шудан шоиста аст, мо намедонем, зеро он натанҳо ба қуввaи даъват, балки ба омодагии ҷомеа низ вобаста аст. Даъвати исломӣ дар Макка басо пурзӯр буд. Макка, бо вуҷуди он ки ба нуқтаи ибтидо ва нуқтаи интилоқи даъват шудан шоиста буд ва даъват дар он ҷо густариш ёфт, барои нуқтаи иртикоз шудан шоиста нагашт. Балки нуқтаи иртикоз дар Мадина шуд. Бинобар ин, Расулуллоҳ (с), баъд аз он ки ба ҷомеаи Мадина итминон ҳосил карданд, ба он ҷо ҳиҷрат намуданд ва дар он ҷо давлатро бунёд карданд. Ин давлат бо қуввaи даъват ба қисми боқимондаи нимҷазираи Арабистон, сипас ба гӯшаҳои гуногуни дунё густариш ёфт.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки даъваткунандагон, ҳарчанд заковатманд ва таҳлилгар бошанд ҳам, маконеро, ки барои нуқтаи интилоқ ва нуқтаи иртикоз шудан шоиста аст, дониста наметавонанд. Инро танҳо Аллоҳ медонад. Бинобар ин, даъваткунандагон бояд ба як чиз, яъне ба имон ба Аллоҳ Таоло такя кунанд ва тамоми амалҳои онҳо танҳо бар асоси имони мазкур тамаркуз ёбад. Комёбии даъват танҳо бо имон ба Аллоҳ имконпазир аст.

Имон ба Аллоҳ тақозо мекунад, ки ба Аллоҳ дуруст таваккул карда шавад ва танҳо аз Аллоҳ ёрӣ пурсида шавад. Зеро танҳо Аллоҳ Таоло ҳар гуна сирру асрор ва чизҳои махфиро медонад, даъваткунандагонро ба комёбӣ муваффақ мегардонад ва ба онҳо роҳи дурусту роҳи ҳидоятро нишон медиҳад. Бинобар ин, қуввai имон, камоли таваккул ба Аллоҳ ва бардавомии ёрӣ пурсидан аз Ӯ Таоло зарур аст. Имон мӯъминро ӯҳдадор месозад, ки ба мабдаъ, яъне ба Ислом имон биёрад, зеро Ислом аз тарафи Аллоҳ Таолост, инчунин имони мазкур мустаҳкам ва собит бошад, ки дар он шубҳае мавҷуд набошад ва шубҳае ба он роҳ наёбад, зеро ҳар гуна ҳолати шубҳа дар мабдаъ боиси нокомӣ, балки аксар вақт боиси куфр ва исён мегардад. Аллоҳ аз ин нигоҳ дорад.

Ин гуна имони қавӣ, ки шубҳа ба он роҳ намеёбад, барои даъваткунандагон ҳатмист, зеро он кафолати давомнокии пешрафти босуръат ва густурдаи даъват дар роҳи мустақими худ мебошад. Ин имон воҷиб мегардонад, ки даъват рӯирост бошад ва одату тақлидҳо, фикрҳои фасод, мафҳумҳои ғалатро, ҳатто агар афкори омма хато бошад, афкори оммаро низ ба майдон хонад, гарчи бо афкори омма мубориза бурдан лозим ояд ҳам, инчунин ақидаву динҳоро, гарчи ба таассуби аҳли онҳо дучор гардад ҳам, ба майдон хонад. Бинобар ин, даъвате, ки бар ақидаи исломӣ бунёд мегардад, бо сароҳат, ҷуръат, қувват, фикр, ба майдон хондан ва рад кардани ҳар чӣ, ки мухолифи фикрату тариқат аст, барои баёни сохтагии ин чиз новобаста ба натиҷаҳо, вазъиятҳо, мувофиқат ё мухолифати мардум бо мабдаъ, қабул ё радди мабдаъ аз тарафи мардум фарқ мекунад. Бинобар ин, даъваткунанда ба мардум хушомад ё чоплусӣ намекунад ва бо дурӯягӣ ба ҳокимону дигарон, ки бори ҷомеаро ба дӯш гирифтаанд, худро зебо нишон намедиҳад. Балки танҳо ба

мабдаъ риоя мекунад ва ба ҷуз мабдаъ чизи дигарро ба ҳисоб намегирад.

Имони мазкур инчунин воҷиб мегардонад, ки сиёдат танҳо аз они мабдаъ, яъне танҳо аз они Ислом бошад ва мабдаъҳои дигар ба ҷуз Ислом, ҳарчанд гуногун бошанд ҳам, куфр эътибор карда шавад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

إِنَّ الدِّينَ عِندَ اللّهِ الإِسْلاَمُ

"***Ҳар оина дин дар назди Аллоҳ дини Ислом аст***" [3:19].

Ҳар кас, ки ба Ислом имон намеорад, дар назари Ислом кофир аст. Бинобар ин, мутлақо ҷоиз нест, ки даъваткунандаи Ислом ба соҳибони дигар дин ё мабдаъ ҷуз Ислом гӯяд, ки "пайрави мабдаъ ва дини худ бошед". Балки бояд онҳоро бо ҳикмат ва мавъизаи зебо ба Ислом даъват кунад, то ки онҳо низ Исломро бипазиранд. Зеро даъват аз даъваткунанда кӯшиш талаб мекунад, то ки сиёдат танҳо аз они Ислом бошад. Ғайримусулмононро дар дину эътиқоди худ вогузоштан маънои эътирофи дини онҳоро надорад. Балки ин иҷобати фармони Аллоҳ Таолост, ки дар Ислом овардан маҷбур накардани мардумро воҷиб гардонидааст. Ин фармони Аллоҳ Таоло тақозо мекунад, ки фардҳо дар эътиқод, дин ва ибодати худ на дар ҳоли ҷамоӣ, балки дар ҳоли фардӣ боқӣ монанд ва ба як вуҷуди алоҳида дар дохили Давлати Ислом табдил наёбанд. Бинобар ин, Ислом мавҷудияти ҳизб ё гурӯҳбандиҳои сиёсии ғайриисломиро, ки бар асоси зидди Ислом таъсис меёбанд, манъ мекунад. Ислом рухсат медиҳад, ки ҳизбҳо ва гурӯҳбандиҳо танҳо дар доираи Ислом бошанд. Ҳамин тавр, имон ба мабдаъ тақозо мекунад, ки дар ҷомеа танҳо худи мабдаъ ҳукмрон гардад ва чизи дигар бо он шарик набошад.

Имон ба Ислом аз фаҳмидани аҳком ва қонунҳои Ислом фарқ мекунад. Зеро имон ба Ислом ё бо роҳи ақл собит мегардад, ё бо роҳе, ки асли он бо ақл исбот шудааст. Бинобар ин, ба ин имон шубҳа роҳ ёфта наметавонад. Аммо фаҳмидани аҳкоми Ислом танҳо ба худи ақл вобаста нест, балки ба донистани забони арабӣ, мавҷудияти

қуввати истинбот ва фарқ кардани ҳадисҳои саҳеҳу заиф вобаста аст. Бинобар ин, даъваткунандагон бояд ба эътибор гиранд, ки аҳкомро фаҳмидани онҳо "фаҳмиши дуруст аст, лекин эҳтимоли хато вуҷуд дорад", аҳкомро фаҳмидани дигарон "фаҳмиши хатост, лекин эҳтимоли дуруст будан вуҷуд дорад", то ки ба онҳо мувофиқи фаҳмиш ва истинботи худ ба Ислом ва аҳкоми он даъват кардан муяссар гардад. Инчунин фаҳмишоти дигаронро, ки хато, вале дорои эҳтимоли дурустӣ мепиндоранд, ба фаҳмишоти худ, ки дуруст, вале дорои эҳтимоли хато мепиндорад, табдил дода тавонанд. Бинобар ин, дуруст нест, ки даъваткунандагон дар бораи фаҳмишоти худ гӯянд, ки "ин раъйи Ислом аст", балки бояд гӯянд, ки "ин раъйи исломӣ аст". Соҳибони мазҳаб аз муҷтаҳидон аҳкомеро, ки худ истинбот кардаанд, дуруст, вале дорои эҳтимоли хато пиндоштаанд. Ҳар яки онҳо мегуфт: "Агар ҳадис саҳеҳ бошад, ҳамон мазҳаби ман аст, сухани маро тарк кунед". Инчунин даъваткунандагон раъйҳоеро, ки табаннӣ кардаанд ё раъйҳоеро, ки аз рӯи фаҳмиши худ аз Ислом медонанд, раъйҳои дуруст, вале дорои эҳтимоли хато пиндоранд. Дар айни вақт имони онҳо ба Ислом ақидаест, ки ҳеҷ гуна шубҳа ба он роҳ ёфта наметавонад. Сабаби зарурати ин гуна фаҳмиши даъватваткунандагон дар он аст, ки даъват ба дили даъваткунандагон кӯшиш ба сӯи камолотро мекорад ва аз даъваткунандагон тақозо мекунад, ки ҳамеша ҳақиқатро ҷӯянд, ҳар як дониш ва фаҳмиши худро бардавом тафтиш намоянд, то ки аз дохил шудани мафҳуми бегона эмин нигоҳ доранд ва ҳар гуна мафҳумеро, ки агар наздик шавад, эҳтимоли ҳамроҳ шудан ё ба як қисми фаҳмиши онҳо табдил ёфтанро дорад, аз худ дур созанд. Ҳамин тавр, дурустии фаҳмиш, амиқии фикр ва шаффофияту софии фикрат нигоҳ дошта мешавад. Шаффофияту софии фикрат ба расонидани даъват имкон медиҳад. Зеро софии фикрат ва равшании тариқат кафили ягонаи комёбӣ ва давомнокии комёбӣ мебошад.

Вале ин гуна ҷустуҷӯи ҳақиқат ва дурустӣ маънои онро надорад, ки фаҳмиши онҳо аз рӯи вазиши шамол тағйирёбанда мебошад. Баръакс бояд фаҳмиши онҳо собит бошад, зеро ин фаҳмиш аз фикри амиқ ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, фаҳмиши мазкур аз ҳар гуна фаҳмиши дигар устувортар аст. Аз ин рӯ, даъваткунандагон бояд ба даъвату фаҳмиши худ ҳушёр бошанд ва эҳтиёт шаванд, ки дигарон

онҳоро дар ин фаҳмиш гумроҳ насозанд. Ин гумроҳсозӣ барои даъват чизи аз ҳама хатарноктарин аст. Бинобар ин, Аллоҳ Таоло барои огоҳ кардани Пайғамбар (с) гуфтааст:

وَاحْذَرْهُمْ أَن يَفْتِنُوكَ عَن بَعْضِ مَا أَنزَلَ اللّهُ إِلَيْكَ

"***Аз эшон бипарҳез, ки мабодо бифиребандат, то аз баъзе аз чизҳое, ки Аллоҳ бар ту нозил кардааст, сар боззанӣ***" [5:49].

Саййидамон Умар ибни Хаттоб ба қозӣ Шурайҳ тавсия дод, ки ба Китоби Аллоҳ муроҷиат кунад ва гуфт: "Мардум туро дар Қуръон гумроҳ насозанд (дар Қуръон ба ғалат наандозанд)". Бинобар ин, даъваткунандагон бояд аз сухани хилофи Ислом, ки аз тарафи ягон мухлис гуфта мешавад ва ё раъйи хилофи Ислом, ки эъзозкунандаи даъват бо ҳуҷҷати манфиат баён мекунад, эҳтиёт бошанд. Аз ин гуна сухану раъй эҳтиёт бошанд ва ба ҳеҷ кас ба ин гуна рафтор имкон надиҳанд. Зеро дар ин рафтор залолати ошкор ҳаст. Бояд миёни даъват ба Ислом ва даъват ба азнавсаркунии ҳаёти исломӣ фарқ карда шавад. Илова бар ин, бояд миёни даъвате, ки ҷамоа, монанди гурӯҳбандии исломӣ, дар байни уммат ба роҳ мемонад ва даъвате, ки Давлати Ислом ба роҳ мемонад, фарқ карда шавад.

Фарқ кардани миёни даъват ба Ислом ва даъват ба азнавсаркунии ҳаёти исломӣ барои донистани ғояи даъват лозим аст. Фарқ ин аст, ки даъват ба Ислом ба ғайримусулмонон нигаронида шуда, ғайримусулмонон ба қабули Ислом ва ворид шудан ба ҳисори Ислом даъват карда мешаванд. Тариқати амалии даъват кардани ғайримусулмонон чунин аст: Давлати Ислом бар ғайримусулмонон, барои он ки нури Исломро бинанд, бо Ислом ҳукм меронад ва ғайримусулмононро, барои он ки бузургии Исломро дарк кунанд, бо баён кардани ақидаву аҳкоми Ислом ба Ислом даъват мекунад. Бинобар ин, даъват ба Ислом бояд аз тарафи Давлати Ислом ба роҳ монда шавад.

Аммо даъват ба азнавсаркунии ҳаёти исломӣ бояд на аз тарафи фардҳо, балки аз тарафи гурӯҳбандӣ ба роҳ монда шавад. Даъват ба азнавсаркунии ҳаёти исломӣ чунин аст: Ҷомеае, ки тамоми фардҳои

он мусулмон ҳастанд ва бар онҳо бо Ислом ҳукм ронда намешавад, ҷомеаи ғайриисломӣ мебошад ва "Дорулкуфр" номидан дуруст мешавад. Пас даъват дар ин ҷомеа ба бунёд кардани Давлати Ислом, ки Исломро татбиқ мекунад ва даъвати Исломро ба дигарон мерасонад, нигаронида мешавад. Ин ҳолатест, ки Давлати Ислом умуман вуҷуд надорад. Агар Давлати Ислом, ки Исломро комилан татбиқ мекунад, мавҷуд бошад, даъват дар ҷомеаи ғайриисломӣ ба табдил додани ин ҷомеа ба яке аз минтақаҳои Давлати Ислом нигаронида мешавад. Мақсад ин аст, ки дар ин ҷомеа низ аз тарафи Давлати Ислом бо Ислом ҳукм ронда шавад ва ин ҷомеа ба яке аз ҷузъҳои Давлати Ислом табдил ёбад, ки даъвати исломиро мерасонад. Ҳамон вақт ҷомеаи мазкур ба ҷомеаи исломӣ табдил меёбад ва онро "Дорулислом" номидан дуруст мешавад. Зеро ба мусулмон дар Дорулкуфр зиндагӣ кардан ҷоиз нест. Агар Дорулислом, ки мусулмон дар он зиндагӣ мекунад, ба Дорулкуфр табдил ёбад, мусулмон бояд ё барои ба Дорулислом табдил додани он фаъолият барад ва ё ба Дорулислом ҳиҷрат кунад.

Фарқ кардани даъвате, ки аз тарафи ҷамоа дар байни Уммати Ислом ба роҳ монда мешавад ва даъвате, ки аз тарафи Давлати Ислом ба роҳ монда мешавад, барои донистани навъи кори даъваткунандагон лозим аст. Фарқи онҳо чунин аст: Дар даъвате, ки аз тарафи Давлати Ислом ба роҳ монда мешавад, ҷиҳати амалӣ намоён мегардад. Давлат Исломро дар дохил ба тарзи мукаммал ва густурда татбиқ мекунад, то ки мусулмонон дар ҳаёт хушбахт бошанд ва ғайримусулмононе, ки дар сояи Давлати Ислом зиндагӣ мекунанд, нури Исломро бинанд ва бо ризову итминон аз рӯи хоҳиши худ ихтиёран ба Ислом дароянд. Расонидани даъват ба хориҷ (аз тарафи давлат) натанҳо бо роҳи тарғибот ва шарҳи аҳкоми Ислом, балки бо омодакунии қувва барои ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ ба роҳ монда мешавад, то дар кишварҳои дигар мувофиқи тариқати амалии даъват, ки ҳукмронӣ бо Ислом мебошад, бо Ислом ҳукм ронад. Ин тариқатест, ки Расулуллоҳ (с) аз он истифода бурдаанд, чунончи халифаҳо баъд аз эшон то охирин дамҳои Давлати Ислом аз он истифода бурдаанд. Бинобар ин, расонидани даъват, ки аз тарафи давлат ба роҳ монда мешавад, ҷиҳати амалии даъват дар дохилу хориҷ мебошад.

Аммо даъвате, ки аз тарафи ҷамоа ё гурӯҳбандӣ ба роҳ монда мешавад, аз корҳое иборат аст, ки танҳо ба фикр тааллуқ доранд. Бинобар ин, он на ҷиҳати амалӣ, балки ҷиҳати фикриро дар бар мегирад ва то ба вуҷуд омадани Давлати Ислом корҳоеро, ки шариат дар ин гуна ҳолат фарз гардонидааст, анҷом медиҳад, сипас ҷиҳати амалӣ дар давлат оғоз меёбад. Бинобар ин, ҷамоа ё гурӯҳбандие, ки мусулмононро даъват мекунад, барои азнавсаркунии ҳаёти исломӣ онҳоро ба фаҳмидани Ислом даъват мекунад ва бо услубе, ки мубориза тақозо мекунад, ба ин ҷиҳати даъват маҳдуд мешавад.

Ҳаёти Расулуллоҳ (с) дар Макка бояд намунае дониста шавад, ки дар даъват ба он пайравӣ карда мешавад. Пас ба омӯзиш ва фаҳмидани Ислом якҷоя бо адои маҷбуриятҳои Ислом мепардозанд, чунон ки дар хонаи Арқам рух дода буд. Сипас мӯъминони содиқ, ки Исломро омӯхтаанду фаҳмидаанд, ба ҳамкорӣ бо уммат шурӯъ мекунанд, то ки уммат Ислом ва зарурати мавҷудияти Давлати Исломро бифаҳмад. Гурӯҳбандӣ бояд корро аз ёдрас кардан ва айбу эрод гирифтани кирдорҳои фасоди мардум оғоз намуда, бо мардум дар бораи пиндорҳои хато ва раъйҳои фасод баҳс намояд, аҳмақона будани ин раъйу пиндорҳоро нишон диҳад ва ба онҳо ҳақиқати Ислом ва моҳияти даъвати Исломро баён кунад. То ки дар мардум дарки умумии даъват ба вуҷуд ояд, даъваткунандагон ба як ҷузъи уммат ва уммат бо онҳо ба кулли тақсимнопазир табдил ёбанд. Пас уммат дар маҷмӯъ таҳти сарварии гурӯҳбандии даъваткунанда ба фаъолияти натиҷаовар мепардозад, то ки якҷоя ба ҳокимият расида, Давлати Исломро ба вуҷуд оранд. Ҳамон вақт ҳаёти Расулуллоҳ (с) дар Мадина дар татбиқи Ислом ва густариши даъвати Ислом намуна дониста мешавад. Бинобар ин, гурӯҳбандии исломӣ, даъватро мерасонад, бо ҷиҳатҳои амалӣ кордор намешавад, балки танҳо бо даъват машғул мешавад ва бо ягон кори дигар машғул шуданро кори саргармкунанда, карахткунанда ва аз даъват боздоранда медонад. Бо ин гуна корҳо машғул шудан мутлақо ҷоиз нест. Расулуллоҳ (с), вақте ки дар Макка ба Ислом даъват мекарданд, Макка пур аз фисқу фуҷур буд. Вале он кас барои барҳам додани ин фисқу фуҷур ба коре даст назаданд. Ҳама навъи зулму ситам ва фақру мӯҳтоҷӣ намоён буд. Ривоят карда нашудааст, барои барҳам додани ин чизҳо ба коре даст зада бошанд. Дар Каъба дар болои

сари он кас бутҳо меистод, ривоят карда нашудааст, ки эшон ба ягон бут даст расонида бошанд. Пайғамбар (с) ба худоҳои мушрикон айбу эрод гирифта, аҳмақона будани хаёлоти онҳоро нишон медоданд, сохтагии амалҳояшонро фош мекарданд, вале бо сухан ва ҷиҳати фикрӣ маҳдуд мешуданд. Аммо вақте ки давлат ба дасти он кас гузашт ва Маккаро фатҳ намуданд, аз бутҳо, фисқу фуҷур, зулму ситам ва фақру мӯҳтоҷӣ ҳатто нишонаеро нагузоштанд.

Бинобар ин, ба гурӯҳбандӣ, ки даъватро мерасонад, ҷоиз нест, ки бо эътибори гурӯҳбандӣ ягон кори дигарро анҷом диҳад. Гурӯҳбандӣ бояд ба фикр ва даъват маҳдуд шавад, вале аъзоёни гурӯҳбандӣ аз корҳои хайрия, ки ба он рағбат доранд, боздошта намешаванд. Аммо гурӯҳбандӣ ин гуна корро анҷом намедиҳад, зеро кори он бунёд кардани давлат аст, то ки ин давлат даъватро расонад.

Бо вуҷуди он ки намуна донистани ҳаёти Расулуллоҳ (с) дар Макка воҷиб аст, бояд фарқи аҳли Маккаву даъвати онҳо ба Ислом ва мусулмонони имрӯзаву даъвати онҳо ба азнавсаркунии ҳаёти исломӣ ба инобат гирифта шавад. Расулуллоҳ (с) кофиронро ба имон даъват мекарданд, аммо даъвати имрӯзаи мусулмонон даъват ба фаҳмидани Ислом ва амал ба Ислом мебошад.

Аз ин сабаб, гурӯҳбандӣ бояд худро аз уммате, ки ҳамроҳи он зиндагӣ мекунад, дур ё бегона нагирад, балки худро як ҷузъи ҳамин уммат донад. Зеро мардум низ мисли аъзоёни гурӯҳбандӣ мусулмонанд. Аъзоёни гурӯҳбандӣ, гарчи Исломро фаҳмида, ба Ислом амал кунанд ҳам, аз ягон мусулмон афзал нестанд. Лекин онҳо касоне мебошанд, ки бори гарони мусулмононро ба дӯш гирифтаанд ва дар бораи хидмати мусулмонон ва фаъолият барои Ислом дар назди Аллоҳ масъулияти бузург доранд. Аъзоёни гурӯҳбандии исломӣ бояд донанд, ки бе уммате, ки дар байни он фаъолият мебаранд, ҳарчанд сершумор бошанд ҳам, ҳеҷ гуна арзиш надоранд. Бинобар ин, вазифаи муҳимми онҳо ҳамкорӣ ва ҳамқадамӣ бо уммат дар мубориза ва огоҳ кардани уммат аст, ки вай бояд фаъолият кунад. Гурӯҳбандӣ бояд аз ҳар гуна кор, сухан ва ишорае, ки гурӯҳбандиро аз уммат ҷудо мекунаду ҷудо нишон медиҳад, чи хурд ва чи калон дур бошад. Зеро ин умматро аз гурӯҳбандӣ ва даъвати гурӯҳбандӣ дур месозад ва ба яке аз муаммоҳои ҷомеа табдил меёбад, ки гурӯҳбандиро аз бедор кардани

ҷомеа бозмедорад. Уммат кулли тақсимнопазир аст ва гурӯҳбандӣ барои барпо кардани давлат таъсис дода мешавад. Ин гурӯҳбандӣ дар бораи уммат ва давлат ба посбони Ислом табдил меёбад. Агар дар уммат гумроҳшавиро бинад, имони умматро бедор ва бартарияти умматро ёдрас мекунад. Агар дар давлат каҷравиро бинад, бо воситаи амалҳое, ки Ислом фарз гардонидааст, ҳамроҳи уммат ба ислоҳи давлат ҳаракат мекунад. Аз ин сабаб, даъвати исломие, ки гурӯҳбандӣ ба роҳ мемонад, дар роҳи табиии худ дар шакли мумтоз ҷараён мегирад.

Пас ғояи гурӯҳбандӣ азнавсаркунии ҳаёти исломӣ дар кишварҳои исломӣ ва густариши даъвати исломӣ дар ҷаҳон мебошад. Тариқати гурӯҳбандӣ дар амалигардонии ин ғоя ҳокимият аст. Омӯзишу фаҳмидани Ислом ва тарбия кардани мардум бо Ислом, то андозае ки дар ташаккули шахсияи исломӣ ба пайдо кардани ақлияи исломӣ ва нафсияи исломӣ таъсир мерасонад, аз тариқати гурӯҳбандӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин ҳамкорӣ бо уммат дар фаҳмондани Ислом ва ҳақиқати манфиатҳои уммат, муолиҷаи ин манфиатҳо бо Ислом, кафолати амалигардонии ин манфиатҳо ва табаннӣ кардани манфиатҳои уммат аз тариқати гурӯҳбандӣ ба ҳисоб меравад, ки бояд ҳангоми ҳамкорӣ ва мубориза дар роҳи даъват бо омӯзиш дар як вақт ба роҳ монда шавад. Ин кори гурӯҳбандии ҳизбӣ кори сиёсист. Бинобар ин, ҷиҳати барҷастатарини гурӯҳбандии мазкур бояд ҷиҳати сиёсӣ бошад. Зеро ин роҳи амалиест, ки даъват ба Ислом бо он оғоз меёбад. Маънои гуфтаи боло ин нест, ки танҳо ба сиёсат ё танҳо ба ҳокимият даъват карда мешавад, балки ҳам ба Ислом ва ҳам ба муборизаи сиёсӣ даъват карда мешавад, то ҳокимият комилан ба даст ояд ва Давлати Ислом, ки Исломро татбиқ мекунад ва даъвати Исломро мерасонад, бунёд карда шавад. Бинобар ин, гурӯҳбандие, ки даъвати исломиро мерасонад, бояд гурӯҳбандии сиёсӣ бошад. Ҷоиз нест, ки он гурӯҳбандии рӯҳӣ, ахлоқӣ, илмӣ, таълимӣ ва ғайра бошад, балки бояд танҳо гурӯҳбандии сиёсӣ бошад. Аз ин рӯ, Ҳизби Таҳрир дар як вақт ҳам ҳизби исломӣ ва ҳам ҳизби сиёсист, ки бо сиёсат машғул мешавад, барои тарбия кардани уммат бо сақофати исломӣ, ки ҷиҳати сиёсӣ дар он ошкоро ба назар мерасад, фаъолият мекунад. Кори мустамликадорӣ ва думравони онро, ки донишҷӯён ва кормандонро

аз сиёсат манъ мекунанду оммаи мардумро аз сиёсат дур месозанд, рад мекунад. Мепиндорад, ки мардум бояд сиёсатро донанд ва дар онҳо тарбияи сиёсӣ ошкоро намоён бошад. Баён кардани дарбаргирандаи сиёсат будани Ислом ва баён кардани асосҳои сиёсат дар Ислом кори сиёсӣ нест. Сиёсат риояи тамоми манфиатҳои дохиливу хориҷии уммат ва фаъолият маҳз дар асоси Ислом, ки аз тарафи давлат ба роҳ монда мешавад ва муҳосабаи давлат дар бораи ин корҳост, ки ин муҳосаба аз тарафи уммат ба роҳ монда мешавад. Ҳизб бояд барои амалишавии ин корҳо дар уммат ва ҳокимият корро ба даст гирад. Бинобар ин, дар шакли густурда ба Ислом даъват карда, ба уммат аҳкоми шаръиро, ки муолиҷаи муаммоҳои ҳаёт мебошанд, шарҳ медиҳад, барои ҳукм рондан маҳз бо Ислом фаъолият бурда, барои решакан сохтан бар зидди кофири мустамликадор саъю талош меварзад ва бар зидди думравони мустамликадорӣ, хоҳ густаришдиҳандаи мафкураву мабдаи мустамликадорӣ бошанд, хоҳ густаришдиҳандаи сиёсату фикрҳои мустамликадорӣ, мубориза мебарад.

Густариши даъвати исломӣ ва муборизаи сиёсӣ дар роҳи густариши ин даъват дар ҷомеае рух медиҳад, ки ҳизб онро барои худ майдони фаъолият таъин кардааст. Ҳизби Таҳрир ҷомеаи тамоми олами исломиро ҷомеаи ягона медонад, зеро масъалаи олами исломӣ масъалаи ягона, яъне масъалаи Ислом аст. Лекин кишварҳои арабиро бо эътибори як ҷузъи кишварҳои исломӣ нуқтаи ибтидо таъин мекунад ва дар кишварҳои арабӣ бунёд гаштани Давлати Исломро, ки ҳастаи Давлати Ислом хоҳад шуд, қадами табиӣ медонад.

Ҷомеаи олами исломӣ дар ҳолати басо ногувори сиёсӣ қарор дорад, ки аз тарафи давлатҳои Ғарб батамом мустамлика карда шудааст. Гарчи дар он нишонаҳои истиқлолият ба назар расад ҳам, ҳанӯз мустамлика мебошад. Ҷомеаи олами исломӣ комилан мутеи мафкураи демократии капиталистӣ аст, ки ба он дар ҳокимияту сиёсат қонунҳои демократӣ ва дар иқтисод низоми капиталистӣ татбиқ карда мешавад, дар соҳаи яроқу аслиҳа, омодагӣ ва дар соҳаҳои дигари ҳарбӣ инони он дар дасти аҷнабист, дар сиёсати хориҷӣ низ ба сиёсати аҷнабӣ, ки онро мустамлика кардааст, тобеъ мебошад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки кишварҳои исломӣ ҳамоно

мустамлика мебошанд, тамаркуз ёфтани мустамликадорӣ дар ин кишварҳо ҳанӯз аз байн нарафтааст. Зеро мустамликадорӣ густариши ҳукмронии ҳарбӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва сақофӣ бар халқҳои заиф барои истисмори ин халқҳо мебошад. Мустамликадорӣ барои густариши мафкураи худ ва нуқтаи назари ин мафкура дар бораи ҳаёт тамоми қувваи худро ба кор мебарад. Ҳамроҳ кардани кишвари мағлуб ба заминҳои кишвари ғолиб, ба вуҷуд овардани заминҳои мустамлика ва таъсиси ҳукуматҳое, ки ба ном мустақил, вале дар амал ба давлати мустамликадор тобеанд, аз шаклҳои гуногуни мустамликадорӣ ба ҳисоб меравад. Воқеи кишварҳои исломӣ ҳамин аст, зеро ҳамаи онҳо ба ҳукмронии Ғарб тобеанд ва дар соҳаи сақофат (таълиму тарбия) низ мувофиқи барномаҳои мустамликавии Ғарб амал мекунанд. Бо вуҷуди тобеият ба мустамликадории Ғарб барои ҳуҷуму истилои собиқ Иттиҳоди шӯравӣ низ ҳадаф буданд. Зеро собиқ Иттиҳоди шӯравӣ барои водор сохтани мардум ба қабули коммунизм бо воситаи шабакаҳои ҷосусӣ (ҷосусону гумоштагон) ва барои ҳукмрон кардани мафкура ва нуқтаи назари худ дар бораи ҳаёт бо воситаи даъват ба мабдаи коммунистӣ дар ин кишварҳо фаъолият мекард.

Бинобар ин, кишварҳои исломӣ мустамликаи давлатҳои Ғарб ва намоишгоҳи мафкураҳои аҷнабӣ буданд, инчунин дар маркази диққати умум ва дар ҳадафи ҳуҷуму истилои собиқ Иттиҳоди шӯравӣ қарор гирифтанд. Собиқ Иттиҳоди шӯравӣ на мустамлика кардан, балки ба кишвари коммунистӣ табдил додани кишвари исломӣ ва батамом ба ҷомеаи коммунистӣ, ки дар он асари Ислом ҳам боқӣ намемонад, табдил додани ҷомеаро қасд мекард. Вале баъд аз сарнагуншавии Иттиҳоди шӯравӣ ин ҳама нопадид гашт ва дар кишварҳои исломӣ танҳо баъзе касоне, ки ба ҳизбҳои коммунистӣ мансубанд, боқӣ монданд, ки аъзоёни ин ҳизбҳо дорои ягон таъсир нестанд.

Аз ин рӯ, фаъолияти сиёсӣ бояд барои мубориза бар зидди мустамликадорӣ, мубориза бар зидди мафкураҳои аҷнабӣ ва кӯшиш ба эҳтиёту ҳифз аз хатари ҳуҷуму истилои аҷнабӣ, ки кишварҳои моро ҳадафи худ қарор додааст, ба роҳ монда шавад. Ҳамин тавр, дар шакли дуруст расонидани даъвати исломӣ мубориза бар зидди хатари мафкураҳои аҷнабӣ ба ҳисоб меравад ва воҷиб аст, ки

мубориза бар зидди мустамликадории Ғарб хишти аввалин дар муборизаи сиёсӣ бошад.

Муборизаи сиёсӣ тақозо мекунад, ки аз ҳеҷ кадоми аҷнабиён ҳеҷ гуна ёрӣ пурсида нашавад. Ҳар гуна ёрипурсии сиёсӣ аз ягон аҷнабӣ ва ҳар гуна дастгирии аҷнабӣ хиёнат ба уммат эътибор карда мешавад. Инчунин муборизаи сиёсӣ тақозо мекунад, ки барои бунёд кардани вуҷуди дохилӣ дар олами исломӣ фаъолият карда шавад, то ин вуҷуд ба қувваи ҷаҳонӣ табдил ёбад, ки дорои вуҷуди беҳтарин ва ҷомеаи олитарин мебошад. Ин қувва барои гирифтани зимоми ташаббус аз дасти ҳар ду лагер кӯшиш мекунад, то ки даъвати исломиро дар ҷаҳон густариш диҳад ва сарварии ҷаҳонро ба даст гирад. Муборизаи сиёсӣ боз тақозо мекунад, ки бар зидди низомҳо, қонунҳо ва қонунгузории Ғарб, тамоми зуҳуроти мустамликадорӣ мубориза бурда шавад, инчунин нақшаву лоиҳаҳои гуногуни илмӣ, молиявӣ ё сиёсии Ғарб, хусусан Британия ва Амрико рад карда шавад. Инчунин воҷиб аст, ки ҳазорати Ғарб батамом решакан сохта шавад. Вале ин маънои тарки шаклҳои маданиро надорад, зеро маданият, агар аз илм ва саноат ба вуҷуд омада бошад, бояд гирифта шавад. Муборизаи сиёсӣ тақозо мекунад, ки мафкураи аҷнабӣ ва сақофати аҷнабӣ, ки ба нуқтаи назари исломӣ зидданд, куллан решакан карда шавад. Ин маънои решакан кардани илмро надорад, зеро илм умумиҷаҳонӣ аст ва бояд аз ҳар ҷиҳат гирифта шавад. Илм яке аз омилҳои муҳимтарини тараққиёти моддии ҳаёт мебошад.

Муборизаи сиёсӣ аз мо тақозо мекунад, то донем, ки мустамликадорони Ғарб, хусусан британиягиҳо ва амрикоиҳо дар ҳар як кишвари мустамлика ба кӯмаки шабакаи ҷосусии худ аз кӯҳнапарастони ҷаҳолатпараст, дастгирикунандагони сиёсату мафкураҳои Ғарб ва табақаи ҳукмрон такя мекунанд, барои манъи ҳаракати мазкури исломӣ ба ёрии ҷосусону гумоштагони худ (шабакаи ҷосусии худ) дар кишварҳои гуногун мешитобанд, ба онҳо бо маблағ ва ғайра бо тамоми қувва барои несту нобуд сохтани ин ҳаракати исломӣ ёрӣ медиҳанд. Мустамликадорон якҷоя бо гумоштагони худ бар зидди ин "Ҳаракати озодихоҳии исломӣ" ташвиқот намуда, ба он тӯҳматҳои гуногун мекунанд, аз қабили "ин ҳаракат ба мустамликадорон киро шудааст", "ин ҳаракат фитнаҳои дохилиро меангезад", "ин ҳаракат тамоми оламро бар зидди

мусулмонон ба шӯр меорад", "ин ҳаракат ба Ислом зид аст" ва ғайра. Бинобар ин, мубориозон бояд сиёсат ва услубҳои мустамликадоронро басо хуб дарк кунанд, то ки нақшаҳои дохилӣ ва хориҷии мустамликадориро саривақт фош карда тавонанд. Зеро саривақт фош кардани нақшаҳои мустамликадорӣ яке аз муҳимтарин навъҳои мубориза ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, Ҳизби Таҳрир барои озод кардани кишварҳои исломӣ аз тамоми навъҳои мустамликадорӣ фаъолият мебарад. Ин ҳизб бар зидди мустамликадорӣ мубозираи беамон ва оштинопазир мебарад, вале танҳо берун шудани мустамликадорӣ ва истиқлоли сохтаро талаб намекунад, балки бо воситаи озод кардани кишварҳои исломӣ, марказҳои таълимӣ ва фикрӣ аз истилогарии ҳарбӣ, фикрӣ, сақофӣ, иқтисодӣ ва ғайра фаъолият мебарад, то тамоми шаклҳоеро, ки кофири мустамликадор ба вуҷуд овардааст, куллан решакан созад. Ҳизби Таҳрир бар зидди касоне, ки ҳар гуна шакли мустамликадориро мудофиа мекунанд, мубориза мебарад, то бо воситаи бунёд кардани Давлати Ислом ҳаёти исломиро аз нав сар кунад ва ин давлат рисолати Исломро дар тамоми ҷаҳон густариш диҳад. Аз Аллоҳ мепурсем ва ба даргоҳи Ӯ зорӣ мекунем, ки барои адои ин вазифаҳои бузург бо ёрии худ моро мадад кунад. Аллоҳ шунаво ва иҷобаткунанда аст.

# ҲИЗБИ ТАҲРИР

Ҳизби Таҳрир ҳизби сиёсист. Мабдаи он Ислом ва азнавсаркунии ҳаёти исломӣ бо воситаи барпо кардани Давлати Ислом, ки низоми Исломро татбиқ мекунад ва даъвати Исломро саросари ҷаҳон густариш медиҳад, ғояи он мебошад. Ин ҳизб сақофати ҳизбиро таҳия намуд, ки аҳкоми исломиро дар бораи корҳои ҳаёт дар бар мегирад. Ҳизб ба Ислом ҳамчун мафкура даъват мекунад, ки аз ин мафкура қонунҳо сарчашма мегиранд ва ин қонунҳо тамоми муаммоҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, сақофӣ, иҷтимоӣ ва дигари инсонро муолиҷа мекунанд. Ҳизби Таҳрир ҳизби сиёсиест, ки ҳам мардон ва ҳам занонро ба аъзогии худ қабул мекунад, ҳамаро ба Ислом ва қабули пиндору қонунҳои Ислом даъват мекунад ва ба ҳама қатъи назар аз миллату мазҳаб бо назари Ислом менигарад. Ҳизб дар амалӣ гардонидани ғояи худ ба ҳамкорӣ бо уммат такя мекунад ва барои озод кардани уммат аз мафкураи мустамликадорӣ, решакан сохтани зуҳуроти сақофӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ ва дигари мустамликадорӣ аз хоки кишварҳои исломӣ ва тағйир додани мафҳумҳои ғалату гумроҳсозанда, монанди "Ислом аз ибодат ва ахлоқ иборат аст", ки мустамликадорӣ густариш медиҳад, бар зидди ҳама гуна шаклу номҳои мустамликадорӣ мубориза мебарад.